20 — A
Alisher Navoiy nomidagi O'zbekiston MK

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ӯзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ӯзбекистон» (солҳои 1964-1991).

17 июни соли 2020. Чоршанбе № 39 (14638)

сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

БА ЛОИҲАҲОИ СОҲАИ ХИДМАТРАСОНӢ БЕШ АЗ 1 ТРИЛЛИОН СӮМ ЗАХИРАИ КРЕДИТ ҶУДО КАРДА МЕШАВАД

Зери раёсати Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон Шавкат Мирзиёев 16 июн доир ба масъалаҳои инкишофи соҳаи хидматрасонӣ ва сайёҳии дохилӣ ҷамъомади видеоселекторӣ баргузор гардид.

Дар аввали ҷамъомад роҳбари давлат дар бобати вазъияти эпидемиологӣ дар мамлакат махсус таваккуф намуда, ба он нукта эътибор нигаронд, ки дар вақтҳои охир нафароне, ки гирифтори коронавирус гардидаанд, як қадар афзуда, гузашта аз ин бисёре аз ин ҳолатҳо дар байни аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд.

Аз он ҷумла, дар ду ҳафтаи охир аз 551 ҳолати беморӣ 482-тоаш дар Тошканд маҳз дар байни аҳолӣ маълум гаштааст. Боиси таассуф аст, ки дар 57 ҳолат манбаи инфексия номаълум аст. Чунин манзараи ташвишовар инчунин дар вилоятҳои Тошканд, Навоӣ ва Қашқадарё ба мушоҳида мерасад.

– Ҳамаи ин аз он далолат менамояд, ки вазъият дар масъалаи коронавирус торафт хусусияти мураккаб касб менамояд, – гуфт Шавкат Мирзиёев. – Вақте фаро расид, ки ҳушёрӣ ва масъулият дар муборизаи бар зидди пандемия пурзӯртар карда шавад. Дар марҳалаи ҷорӣ мо ҷиддан бояд ба қоидаҳои карантин, то чӣ андоза мушкил набошад, риоя намоем. Ҳар яки мо оқибаташро ҷиддан фикр карда, масъулиятро нафақат дар назди худ, балки дар назди оила, бачаҳо амиқ дарк намуда, кори худро эҳтиёткорона анҷом диҳем. Вагарна тамоми кӯшишоти мо зоеъ мегардад. Ман боварӣ дорам, ки халқи меҳрубон ва шуҷоатноки мо, ки дар ин муддат таҷриба ва сабаки зиёд касб намуд, ин марҳиларо низ муносиб пушти сар менамояд.

Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ дар заминаи пурзӯр намудани корҳои дезинфексия ва назорати санитарӣ дар корхонаҳо ва бозорҳо, дар маҷмӯаҳои савдо ва ташкилотҳое, ки фаъолияти худро аз нав роҳандозӣ кардаанд, васеъ намудани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни аҳолӣ аз тариқи воситаҳои ахбори оммавӣ ва ҳамчунин дар ҷамоаҳои меҳнатӣ супоришҳо додааст. Аҳамияти мунтазам озмудани ходимони тамоми муассисаҳое, ки бо хидматрасонӣ машғуланд ва фаъолияташон бевосита бо алоқа бо аҳолӣ вобаста аст, таъкид гардид.

Аз иштироки роҳбарони марбут дар ҷамъомад истифода намуда, масъалаи ҷамъоварии ҳосили ғалладона муҳокима гардид.

Таъкид шуд, ки ба туфайли бориши зиёди баҳорӣ ва ба таври кофӣ гузоштани ҳаҷми захираҳои моддиву техникӣ ва нуриҳои маъданӣ сарфи назар аз шароити пандемия ҳосили фаровони ғалладона ба даст омад.

Ба вуҷуд доштани тамоми имконот барои ба поён расондани мавсими ҷамъоварӣ пештар аз муҳлати муқаррарӣ ишора гардид, ки барои ин дуруст ташкил намудани кор зарур мебошад. Аз рӯйи муттасил шудгор намудани майдонҳо ва кишти зироати такрорӣ супоришҳо дода шуд.

Соҳаи хидматрасонӣ яке аз манбаъҳои асосии шуғли аҳолӣ чӣ дар шаҳрҳо ва чӣ дар деҳот ба шумор меравад. Саҳми он дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии мамлакат 35 фоизро ташкил медиҳад. Бинобар маълумоти Ташкилоти байналхалқии меҳнат, дар сурати афзоиши истеҳсоли хидматрасонӣ ба 1 фоиз, имкон медиҳад, ки микдори қашшоқон 1,5 фоиз кам карда шавад.

Дар ҷамъомад таъкид шуд, ки имконоти соҳаи хидматрасонӣ дар Ӯзбекистон ба андозаи пурра истифода намегардад. Ишора шуд, ки дар маҳалҳо чунин хидматҳо мисли таъмири техникаи маишӣ, хушкшӯй, ороиши компютерӣ, бухгалтерия, реклама, хидмати пулакии тиббӣ ба таври бояду шояд инкишоф наёфтааст.

Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар соҳаи хидматрасонӣ имконияти бузург вуҷуд дорад. Аз рӯйи ҳисобу китобҳо, дар соҳаи мазкури иқтисодиёт барилова имконо на камтар аз 160 ҳазор ҷойи кор ба вуҷуд овардан вуҷуд дорад.

Ҳамин тариқ, ҳоли ҳозир дар Тошканд, вилоятҳои Бухоро, Навоӣ ва Тошканд 21 нафар барномасоз-фрилансери ҷавон кор мекунанд. Ин мутахассисон соле ба микдори 50 ҳазор доллар хидматро содир менамоянд ва ба беҳтарин се фоизи рейтинги Top Talent дохил мешаванд.

Роҳбари давлат аҳамияти дастгирии чунин ҷавонони истеъдоднок, ба вуҷуд овардани шароит барои ба аҳолӣ омӯзондани хидматрасонии замонавӣ таъкид кард.

Ба муовини Сарвазир якҷоя бо ҳокимон таҳия намудани барномаи рушди соҳаи хидматрасонӣ дар ҳар як ноҳия ва шаҳр супурда шуд. Ҳамзамон вазифаи мураттабсозии соҳаи мазкур, ба стандартҳои байналхалқӣ мутобиқ намудани методология ва ҳисобу китоби он гузошта шуд.

Инкишофи соҳа бе дастгирии моддӣ имконнопазир аст. Ба ин сабаб Президенти Ӯзбекистон қарореро имзо кард, ки аз Фонди таҷдид ва тараққиёт ҷудо намудани беш аз 100 миллион доллар ё худ беш аз 1 триллион сӯм захираи кредитро барои лиҳаҳои соҳаи хидматрасонӣ пешбинӣ менамояд. Ин маблағ ҳам аз тариқи бонкҳо давлатӣ ва ҳам хусусӣ бо ставкаи на бештар аз 15 фоиз ҷудо хоҳад шуд.

Таъкид гардид, ки роҳбарони минтақаҳо аз ин имконот босамар истифода намуда, лоиҳаҳои мушахасеро тартиб диҳанд, то ки онҳо дар муддати хеле кутоҳ имкони ҳар чи бештар ба вуҷуд овардани ҷойи корро дар соҳаи хидматрасонӣ фароҳам ованд.

Президент Шавкат Мирзиёев ба масъалаи таълим ва бошуғлфарогирии хатмкунандагон эътибори алоҳида нигаронд.

Соли ҷорӣ беш аз 451 ҳазор нафар мактаб, 188 ҳазор ҷавонон коллеҷҳоро хатм намуданд. Агар ҳатто зиёд гардидани квотаи қабули соли ҷориро ба инобат бигирем, ба муассисаҳои олии таълимӣ 103 ҳазор нафар, ба коллеҷу техникумҳо 90 ҳазори онҳо дохил шуда метавонанд. Аз ин рӯ, барои бо кор таъмин намудани ҷавонони боқимонда ғамхорӣ бояд зоҳир кард. Ғайр аз ин соли ҷорӣ 71 ҳазор нафар донишҷӯён мактабҳои олиро хатм мекунанд.

– Касе аз ҳокимон дар ин бора фикр мекунад, кӣ шахсан бо хатмкунандагон вохӯрдааст? Ҷавонони мо фардо ба кучо ва ба кӣ бо хоҳиши кор пайдо намудан муроҷиат мекунанд? Оё дар минтақаҳо барои онҳо ҷойҳои кор захира намудан ташаккул ёфтааст, – роҳбари давлат чунин саволҳоро гузошт.

Ҳамин тариқ дар вилояти Сурхондарё қариб 2 ҳазор донишҷӯ ихтисосҳои самти педагогиро хатм мекунанд. Ҳоли ҳозир нарасидани муаллимон дар мактабҳои деҳоти ноҳияҳои Сариосиё, Олтинсой ва Узун эҳсос мегардад. Таъкид шуд, ки ҳокими вилоят ва роҳбарони секторҳо бояд бо ин хатмкунандагон вохӯранд ва дар кор пайдо намудани онҳо кӯмак расонанд.

Ба муовинони Сарвазир рағбатноксозии мутахассисони ҷавоне, ки дар ноҳияҳои дурдаст барои кор кардан қарор намудаанд ва нисбати онҳо низоми таъмин намудан бо кӯмаки ибтидоии моддӣ ва манзил татбиқ намудан супурда шуд.

(Давомаш дар саҳ.2).

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон

ДАР БОРАИ ПАРАМЕТРҲОИ ФАРМОИШИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ҚАБУЛ БАРОИ ТАҲСИЛ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР СОЛИ 2020/2021

Бо мақсади минбаъд васеъ гардондани фарогирии ҷавонон ба таҳсилоти олӣ, пурзӯр гардондани рақобати солим байни муассисаҳои таълими олӣ, ба дарҷаи зарурӣ ташкил кардани қабули ҳуҷҷатҳо аз довталабон ва гузарондани имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таълими олӣ дар шароити карантин, инчунин мувофиқи вазифаҳое, ки дар Стратегияи амалиёт оид ба панҷ самти устувори рушди Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар солҳои 2017–2021 муайян шудаанд:

1. Муқаррар карда шавад, ки:

а) ҳангоми қабул ба таҳсил дар самти таълими бакалавриат дар соли таҳсили 2020/2021:

бақайдгирии довталабон **дар давраи аз 20 июн то 20 июли (то худи 20 июл) соли ҷорӣ** дар минтақаҳое, ки Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ оид ба тайёркунии Барномаи чорабиниҳо оид ба пешгирии воридот ва паҳншавии намуди нави коронавирус дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон муайян кардааст, — **тавассути Марказҳои хидматҳои давлатӣ,** дар ҳамаи минтақаҳо – **тавассути Портали ягонаи хидмати интерактивии давлатӣ ва сомонаи расмии Маркази давлатии тести** назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон (минбаъд – Маркази давлатии тест) гузаронида мешавад;

озмоишҳои дохилшавии тестӣ **аз ду фан**, ки ба самти таҳсили бакалавриат, ки довталаб интихоб намудааст, **мувофиқат мекунанд**, гузаронида мешаванд;

ба довталабон **ҳуқуқи иштирок намудан дар озмун то панҷ самти таҳсилоти бакалавриат бо блоки якхела ва пайдарпайии фанҳое**, ки санҷишҳои тестӣ гузаронида мешаванд, дода мешавад;

б) аз соли таҳсили 2020/2021 сар карда:

барои заноне, ки тавсияномаи Вазорати дастгирии маҳалла ва оилаи Ҷумҳурии Ӯзбекистонро доранд, **нишондиҳандаҳои чорфоизаи қабул дар асоси гранти давлатӣ** иловагӣ ба нишондиҳандаҳои умумии қабул муқарраршуда дар асоси гранти давлатӣ барои **шакли таҳсили рӯзонаи бакалавриат** дода мешавад;

ҳараёни пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои дохил шудан ба магистратура, инчунин кӯчондан ва барқароркунӣ ба таҳсил дар самти таҳсили бакалавриати муассисаҳои давлатии таълими олӣ **тавассути сомонаи расмии Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон** амалӣ карда мешавад.

2. Ба эътибор гирифта шавад, ки аз ҷониби Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Ӯзбекистон якҷоя бо вазорату идораҳои манфиатдор:

Параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба қабул ба таҳсил ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли хониши 2020/2021 (минбаъд – Параметрҳои фармоиши давлатӣ) таҳия шудааст;

самтҳои таълими бакалавриати бинобар мундариҷа наздик якҷоя карда шуда, соҳаҳои тахассусии соҳавӣ **васеъ гардонда шудаанд**;

ихтисосҳои магистратура калон карда шуданд.

3. Параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба:

а) тайёр кардани **бакалаврҳо** оид ба:

шакли таълими **рӯзона** – ба андозаи **103 575 нафар** мувофиқи замимаи №1;

шакли таълими **ғоибона** – ба микдори **31 350 нафар** мувофиқи замимаи № 2;

шакли таълими **шабона** – ба микдори **5 025 нафар** мувофиқи замимаи № 3;

б) тайёр кардани **магистрҳо** – ба микдори **10 425 нафар** мувофиқи замимаи № 4 тасдиқ карда шаванд.

4. Ҳайати Комиссияи давлатии қабул оид ба қабул ба муассисаҳои таълими олии Ҷумҳурии Ӯзбекистон барои соли таҳсили 2020/2021 мувофиқи замимаи № 5 тасдиқ карда шавад.

Ба Комиссияи давлатӣ ҳуқуқи зерин дода шавад:

дар сурати зарурат ҷорӣ намудани самтҳои нави таълими бакалавриат ва ихтисосҳои магистратура, инчунин ворид намудани тағйироту иловаҳои дахлдор ба Параметрҳои фармоиши давлатӣ бо мақсади муайян кардани параметрҳои қабул ба муассисаҳои таҳсилоти олии навтаъсис;

муайян кардани параметрҳои дохилшавии мақсадноқ ба бакалавриат ва магистратураи муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар доираи соҳаҳои дахлдор ва минтақаҳо бо мақсади қонеъ кардани эҳтиёҷот ба мутахассисони соҳаҳои иқтисодиёт ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаҳои дурдаст ва дастнорас;

муайян кардани нишондиҳандаҳои ягонаи андозаи ҳадди аҳалли шартномаи тафриқавии пулакӣ аз рӯйи соҳаҳои таълим ва минтақаҳои ҷумҳурӣ дар асоси пешниҳоди Вазорати таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ӯзбекистон, инчунин вазорату идораҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таҳсилоти олӣ доранд, бо назардошти нуфуз ва ҷойгиршавии ҳудудии муассисаҳои таълими олӣ бо назардошти арзиши шартномаи асосии пулакӣ (ба истиснои муассисаҳои таълими олӣ, ки ба худмаблағгузорӣ мегузаранд).

(Давомаш дар саҳ.2).

Маҳсули лоиҳаҳои пешомаднок

Дар корхонаи муштараки «Uzwoo-Ientex», ки дар таркиби собиқ фирмаи «Атлас» дар шаҳри Марғилон ташкил гардидааст, барои пӯшокҳои формаи матоъҳои омехтаи пашм истеҳсол карда мешаванд.

Дар корхона, ки 300 нафар писарону духтарони маҳаллиро бо кор таъмин кардааст, сеҳҳои бофандагӣ, назорати сифат, пардозиҳӣ ва лаборатория бо самараи баланд фаъолият доранд. Соҳаи бофандагӣ бо ускунаҳо ва дастгоҳҳои истеҳсолии дорои тамғаи замонавӣ ҷиҳозонида шудааст. Қисми асосии маҳсулоте, ки дар ин ҷо тайёр карда мешавад, ба мамлакатҳои хориҷи наздик мисли Русия, Белорус содир хоҳад шуд.

Айни замон дар корхона дар бобати марҳилаи дувуми лоиҳаи пешомаднок – истеҳсоли нахи калобаи омехтаи пашм корҳои амалӣ бурда мешавад. Бо ин мақсад ба микдори 3,5 миллион доллари ИМА сармоя ҷамъ гардида, аз хориҷа ускунаҳои истеҳсолии замонавӣ оварда шуданд. Баъди амалӣ шудани лоиҳаи нав беш аз 400 нафар ҷавонони маҳаллӣ бо шуғл таъмин мегардад.

Дар сурат: *дар корхонаи муштараки «Uzwoo-Ientex»-и дар таркиби собиқ фирмаи «Атлас» дар шаҳри Марғилон ташкилшуда.*

Суратгир: М. ҚОДИРОВ (ҲзА).

Муовини аввали Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ӯзбекистон Содик Сафоев ва ҳамоҳангсози доимии СММ дар мамлакати мо Ҳелена Фрейзер дар доираи нақшаи ба наздикӣ имзошуда оид ба густариши ҳамкорӣ бо СММ ва муассисаҳои махсуси он масоили рушди минбаъдаи шарикиро баррасӣ карданд.

ҲАМКОРӢ ДАР РОҲИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР ИДОМА МЕЁБАД

Ҳадафи нақшаи амал ба амиқсозӣ ва таҳкими муносибатҳои шарикӣ бо сохторҳои СММ дар дараҷаҳои миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ бо мақсади мусоидат ба рушди иқтидори инсон барои ҳама, хусусан, табақаҳои ночор ва эҳтиёҷмандӣ ҷомеа нигаронда шудааст.

(Давомаш дар саҳ.2).

МАҶМӮИ ҚОИДАҲОИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТИ ӮЗБЕКИСТОН ДАР АССАМБЛЕЯИ ГЕНЕРАЛИИ СММ НАШР ШУД

Қоидаҳои асосии Фармони Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи омурзиши гурӯҳи шахсоне, ки муҳлати ҷазоро адо менамоянд, аз кирдорашон самимона тавба кардаанд ва қатъӣ ба роҳи ислоҳ гузаштаанд» аз 21 майи соли 2020 ба сифати ҳуҷҷати расмии иҷлосияи 74-уми Ассамблеяи генералии СММ қабул шуда, ба ҳамаи забонҳои расмии СММ байни давлатҳои аъзои созмон паҳн карда шуданд.

Ҳуҷҷат тибқи банди рӯзномаи иҷлосияи «Ҳавасмандгардонӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон» нашр шудааст. Дар он қайд мегардад, ки Фармон дар арафаи таҷлили иди Рамазон ҳамчун зуҳури равшани сифатҳои неки халқи Ӯзбекистон – меҳрубонӣ, саховатмандӣ, башардӯстӣ ва раҳмдилӣ қабул шуд. 16 нафар аз адои ҷазои асосӣ пурра озод, 101 нафар аз адои ҷазо шартан пеш аз муҳлат озод карда шудаанд, ҷазои ба 24 нафар таъиншуда бо ҷазои сабуктар иваз карда шудааст. Илова бар ин, нисбати 117 нафар ҷазо дар намуди маҳрум кардан аз озодӣ кам карда шудааст.

Чи хеле ки хабар дода мешавад, дар байни афвшудагон 7 нафар мардони синнашон аз 60 боло, 1 нафар зан, 7 нафар шаҳрвандони давлатҳои хориҷӣ, 164 нафар шахсоне, ки дар фаъолияти ташкилотҳои манъшуда иштирок кардаанд, мебошанд.

Таъкид гардид, ки вазорату идораҳои дахлдори Ӯзбекистон дар баргардонидани шахсони афвшуда ба ҳалқаи оила ва хешовандон, кӯмак расонидан дар мутобиққунии иҷтимоӣ, машғул шудан бо корҳои фоиданок, интихоби тарзи ҳаёти солим ва дар ҷомеа дарёфтани мавқеи сазовор ҷалб карда мешаванд.

Қабули фармони роҳбари давлати мо ба сифати ҳуҷҷати расмии иҷлосияи 74-уми Ассамблеяи генералии СММ дар бораи аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардидани пайравӣ ва кӯшишҳои Ӯзбекистон дар таъмини кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон далолат медиҳад.

АИ «Дунё»,
НЬЮ-ЙОРК.

Котиби давлатии ИМА:

«ДАР ӮЗБЕКИСТОН БОБАТИ БЕҲТАР НАМУДАНИ ВАЗЪИЯТ БИНОБАР ОЗОДИИ ДИНӢ ҚАДАМҲОИ ҶИДДӢ ГУЗОШТА ШУДАНД»

10 июн Департаменти давлатии ИМА Маърӯзаи навбатиро вобаста ба озодии динӣ дар соли 2019-ум интишор кард, ки дар он ба ҳолати озодии эътиқоди динӣ дар ҷаҳон баҳо дода мешавад.

Ҳуҷҷат ҳар сол чоп мегардад ва дар асоси он аз ҷониби котиби давлатии ИМА бобати ба рӯйхати «кишварҳое, ки боиси ташвиши махсус мебошанд» дохил кардани ин ё он давлат қарор қабул карда мешавад.

Котиби давлатӣ Майкл Помпео маърӯзаро муаррифӣ намуда, аҳамияти бартариятноки масъалаҳои таъмин сохтани озодии динирро дар рӯзномаи сиёсати хориҷии ИМА таъкид кард ва ба вазъияти як қатор кишварҳо баҳо дод. Котиби давлатӣ дар бораи анъанаҳои мусбати соҳаи таъмин сохтани озодиҳои динӣ сухан ронда, се мамлакатро хотиррасон кард.

Роҳбари Департаменти давлатӣ пешрафти Ӯзбекистонро дар соҳаи мазкур махсус таъкид намуд.

«Дар Ӯзбекистон бобати беҳтар сохтани вазъияти бинобар озодии динӣ қадамҳои ҷиддӣ гузошта шуданд ва ин иқдом идома дорад. Ман, вақте, ки дар оғози сол ба ин кишвар будам, бо пешвоёни динӣ суҳбати пурмазмун доштам, – изҳор дошт Майкл Помпео, – Мо ягон ҳодисаи тафтишотии мақомоти ҳуқуқу тартиботро бар муқобили гурӯҳҳои ба қайд гирифтанашудаи динӣ дар соли 2019-ум нисбат ба 114 тафтишоти баргузоршуда дар соли 2018 ва 240 тафтишоти соле пештар мушоҳида накардем. Ин муваффақияти азим, пешрафти назаррас мебошад».

Сафири оид ба суроғиҳои махсус дар соҳаи озодии динӣ Сэм Барунбэк, ки ба сухан баромад, низ таъкид сохт, ки «ба шарофати пешрафт Ӯзбекистон ва Судан аз рӯйхати кишварҳое, ки дар соҳаи озодии динӣ боиси ташвиши махсус мебошанд, хориҷ карда шуданд».

Хотиррасон менамоем, ки моҳи декабри соли 2018 роҳбари Департаменти давлатӣ бо қарори худ Ӯзбекистонро расман аз табақаи мазкур хориҷ намуд ва бо ин пешрафти назарраси мамлакатро дар соҳаи таъмин сохтани озодии эътиқоди динӣ эътироф кард.

Муовини раиси Комиссияи оид ба озодиҳои байналхалқии динии ИМА хонум Надин Маэнза тавзеҳ додани қарори мазкур, қайд намуд, ки мутаассифона, бисёр давлатҳо чораҳоеро, ки Ӯзбекистон барои таъмин сохтани озодии эътиқоди динӣ меандешад, қабул намекунанд.

«Аз ҷониби роҳбари Департаменти давлатӣ эътироф гардидани пешрафт ва коҳиҳои Ӯзбекистон хеле хушоянд аст», – қайд намуд Надин Маэнза.

Муовини директори Маркази байналхалқии тадқиқотҳои ҳуқуқӣ ва динии Донишгоҳи Бригама Янга Элизабет Кларк, ки дар муҳокимаи лоиҳаи нави қонун «Дар бораи озодии виҷдон ва созмонҳои динӣ» фаъолона иштирок мекунад, низ комёбиҳои Ӯзбекистонро дар самти мазкур баланд арзёбӣ намуд.

«Ӯзбекистон, воқеан барои саъю кӯшишҳояш, ки дар роҳи таъмин сохтани озодии динӣ амалӣ менамояд, сазовори эътибор мебошад», – изҳор дошт профессор Элизабет Кларк.

АИ «Дунё»,
ВАШИНГТОН.

Қарори Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон

ДАР БОРАИ ПАРАМЕТРҲОИ ФАРМОИШИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ҚАБУЛ БАРОИ ТАҲСИЛ БА МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИ ОЛИИ ҶУМҲУРИИ ЎЗБЕКИСТОН ДАР СОЛИ 2020/2021

(Аввалаш дар саҳ.1).

5. Бо мақсади рушди иҷтимоию иқтисодӣ, дар оянда таъмин кардани соҳаҳои иқтисодиёти **ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона** бо мутахассисони соҳибихтисос ва дорои афкори замонавӣ **барои ин минтақа параметрҳои мақсадноки қабул ба микдори 500 ҷой иловагӣ ба нишондиҳандаҳои муқарраршудаи умумии қабул дар асоси гранти давлатӣ оид ба шакли рӯзонаи бакалавриат ҷудо карда шавад.**

Ҳокимияти вилояти Фарғона якҷоя бо Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, инчунин Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ўзбекистон дар муддати як ҳафта ба Комиссияи давлатӣ оид ба тақсимоти ин параметрҳои қабул дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар асоси талабот пешниҳодҳои асоснок тақдим кунад.

6. Ба эътибор гирифта шавад, ки ба муассисаҳои таълими олӣ, ки ба низоми ҳудмаблағгузорӣ гузаштаанд, **ҳуқуқи муайян кардани нархи таҳсил дар асоси шартномаи пулакиву қарордодӣ** бо назардошти ҳаҷми пурраи ҳудмаблағгузорӣ дода шавад.

Ректорони муассисаҳои таълими олӣ, ки ба низоми ҳудмаблағгузорӣ гузаштаанд, **дар тӯли як ҳафта дар ВАО ва шабакаи Интернет дар бораи микдори муқарраршудаи шартномаи пулакӣ бинобар самти таълими бакалавриат ва ихтисосҳои магистратура маълумот интишор намояд.**

7. Муайян карда шавад, ки **аз соли таҳсили 2021/2022** талабот ба фармоишгарони кадрҳо пурра тавассути **системаи иттилоотии «quota.mineconomy.uz»** (минбаъд – Низоми иттилоотӣ) ба таври автоматикӣ ташаккул дода мешавад.

8. Бо мақсади рақамӣ кардани ҷараёни муайян намудани талаботи фармоишгарон ба кадрҳо **то 1 октябри соли 2020:**

Вазорати шуғл ва муносибатҳои меҳнатии Ҷумҳурии Ўзбекистон – ҳамгироиро бо Низоми иттилоотии Маҷмӯи байниидоравии дастгоҳию барномавии «Низоми ягонаи миллии меҳнат» ба мақсади фароҳам овардани имконият барои мониторинги эҳтиёҷоти ҷории соҳаҳои иқтисодиёт ба кадрҳои маълумоти олидор таъмин намояд;

Вазорати таълими халқи Ҷумҳурии Ўзбекистон – ҳамгироиро бо Низоми иттилоотии пойгоҳи маълумотҳои доимо таҷдидшаванда дар бораи шумораи хонандагон дар синфҳои хатмкунанда ва ҳаёти омӯзгорони тамоми мактабҳои ҷумҳурӣ таъмин намояд;

Вазорати рушди технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсия якҷоя бо Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Ўзбекистон – ба Низоми иттилоотӣ ворид намудани маълумотро дар бораи эҳтиёҷоти фармоишгарони кадрҳо бо истифодаи системаи "Имзои электронии рақамӣ", инчунин такмил додани Низоми иттилоотиро дар асоси доимӣ таъмин намояд.

9. Ба Маркази давлатии тести назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Вазорати таълими халқ якҷоя бо вазорату идораҳои дигар **то 1 сентябри соли 2020 дар бораи унификатсияи аттестатсияи ниҳоии давлатии хатмкунандагони муассисаҳои таълими умумӣ ва имтиҳонҳои дохилшавӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олӣ бо ҷорӣ намудани имтиҳони ягона** таклифҳо таҳия намуда, ба Маъмурияти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон ворид кунад.

10. Комиссияи давлатӣ **то 20 июни соли 2020** инҳоро тасдиқ намояд:

бо дархости Вазорати тандурустӣ, Вазорати таълими халқ, Кумитаи давлатии рушди байторӣ ва чорводории Ҷумҳурии Ўзбекистон, Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Қарақалпоқистон, ҳокимиятҳои вилоятҳо ва шаҳри Тошканд – **тақсимоти параметрҳои қабули мақсаднокро дар доираи ноҳияҳо (шаҳрҳо)** барои минтақаҳое, ки ба кадрҳои дорои маълумоти олӣ дар соҳаи тандурустӣ, таълими халқ, ветеринарӣ талаботи зиёд доранд, дар доираи нишондиҳандаҳои қабул дар асоси гранти давлатии Параметрҳои фармоиши давлатӣ;

дар асоси пешниҳодҳои Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ўзбекистон, вазорату идораҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таҳсилоти олӣ доранд, инчунин Маркази давлатии тест – **тақсимоти Параметрҳои фармоиши давлатӣ** ба муассисаҳои таълими олӣ **бинобар забони таълим.**

11. Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ўзбекистон:

а) дар тӯли як моҳ:

якҷоя бо Агентии стандартизатсия, метрология ва сертификатсияи Ўзбекистон, инчунин Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатии Ҷумҳурии Ўзбекистон бо назардошти самтҳои нави таҳсилоти бакалавриат ва ихтисосҳои магистратура, ки дар соли хониши 2020/2021 ба кор андохта мешаванд, ба Таснифоти самтҳо ва ихтисосҳои таълими олӣ тағйирот ва иловаҳо ворид кунанд;

якҷоя бо вазорату идораҳое, ки дар ихтиёрашон муассисаҳои таълими олӣ доранд, бо тартиби муқаррагардида талаботи тахассусӣ, нақшаҳои таълимӣ, инчунин барномаҳоеро, ки ба самтҳои нави таҳсили бакалавриат ва ихтисоси магистратура дохил карда шудаанд, таҳия ва тасдиқ намоянд;

б) то 31 декабри соли 2020 тартиби ба хатмкунандагон додани тахассуси базавӣ ва иловагиро бо назардошти хусусияти самти таълими бакалавриат ва ихтисосҳои магистратура таҳия ва тасдиқ кунанд;

в) то 1 декабри соли 2020 якҷоя бо Вазорати рушди иқтисодӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Вазорати молия, инчунин вазорату идораҳое, ки муассисаҳои таҳсилоти олӣ доранд, ба Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон пешниҳодҳои асоснок тақдим намоянд:

дар Параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба қабул ба муассисаҳои таълими олӣ муайян намудани **танҳо нишондиҳандаҳои қабул дар асоси гранти давлатӣ;**

аз ҷониби муассисаҳои таълими олӣ мустақилона муайян намудани нишондиҳандаҳои қабул дар асоси пуливу қарордодӣ. Бо ин нишондиҳандаҳои қабул дар асоси пуливу қарордодӣ аз миқдоре, ки Вазорати маълумоти олӣ ва миёнаи махсуси Ҷумҳурии Ўзбекистон муайян намудааст, набояд пасттар бошад;

тарбияи донишҷӯёни боистеъдод дар асоси гранти давлатӣ инчунин **дар ташкилотҳои ғайридавлатии таълими олӣ;**

ҷорӣ намудани тартиби баробари имтиҳонҳои касбӣ (эҷодӣ) супурдани **озмоишҳои тестӣ аз се фанҳои ҳатмӣ – забони модарӣ (ўзбекӣ, русӣ ё қарақалпоқӣ), математика ва таърихи Ўзбекистон** барои қабул ба таҳсил дар самти таълими бакалавриат, ки малакаҳои махсусро талаб мекунанд.

12. Бо мақсади муносибгардонии ҷараёни тарбияи мутахассисони дорои маълумоти олӣ дар соҳаи варзиш бо пешниҳоди Вазорати тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус ва Инспексияи давлатии назорати сифати таълими назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ўзбекистон **оид ба тайёркунии кадрҳо бинобар самти таълими бакалавриати «Фаъолияти варзишӣ (аз рӯи намуди фаъолият)» дар доираи қисми барномаҳои таълимӣ бо муҳлати таҳсилашон сесола** розигӣ дода шавад.

13. Муқаррар карда шавад, ки:

аз соли хониши 2020/2021 Параметрҳои фармоиши давлатӣ оид ба ихтисосҳои магистратура дар соҳаи таҳсилотии **«130 000 - Математика» пурра дар асоси гранти давлатӣ ташаккул меёбанд;**

хароҷоти марбут ба таълими шахсоне, ки **дар соли таҳсили 2020/2021** ба бакалавриат ва магистратура дар асоси грантҳои давлатӣ қабул шудаанд, аз ҳисоби маблағи Буҷаи давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон сурат мегирад.

14. Ба баъзе қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон мувофиқи замимаи № 6 тағйирот ворид карда шавад.

15. Вазорати таълими олӣ ва миёнаи махсус якҷоя бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, вазорату идораҳои манфиатдори дигар дар муддати ду моҳ ба Девони Вазирон оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ, ки аз қарори мазкур бармеоянд, таклифот тақдим намояд.

16. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи Сарвазири Ҷумҳурии Ўзбекистон А.Н. Арипов ва муовири Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон А.А. Абдувахитов гузошта шавад.

Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Ш. МИРЗИЁЕВ

Шаҳри ТОШКАНД,
12 июни соли 2020.

БА ЛОИҲАҲОИ СОҲАИ ХИДМАТРАСОНӢ БЕШ АЗ 1 ТРИЛЛИОН СӮМ ЗАХИРАИ КРЕДИТ ҶУДО КАРДА МЕШАВАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ба Вазорати шуғл ва муносибати меҳнатӣ супурда шуд, ки марказҳои умумии «Ишга марҳамат»-ро дар Қароқалпоқистон ва дар тамоми вилоятҳо созмон диҳад, барои ҷавонон марказҳои таълим аз рӯи касб ва асосҳои соҳибкорӣ ва инчунин курсҳои таълимӣ дар гузарҳои маҳаллаҳо боз намояд.

Тавре ки маълум аст, 8 июн Президенти Ўзбекистон қарорро «Дар бораи чорабиниҳо оид ба содда намудани танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҳудкорӣ» имзо карда буд. Бинобар ин ҳуҷҷат, намуди фаъолияте, ки шахсони ҳудкор машғул гарданд, аз 24 то 67 намуд зиёд карда шуда, талаб барои ба даст овардани иҷозат ва пардохти андоз хеле кам карда шудааст. Таъкид шуд, ки ин барои бошуғлфарогирӣ захираи калон мебошад.

Ба Бонки марказӣ дар доираи барномаи соҳибкории оилавӣ ҷудо намудани 300 миллиард сӯм захираи кредит барои шахсони ҳудкор, ба Вазорати молия бошад, ҷорӣ намудани низоми субсидиро ба шаҳрвандони бекоре, ки фаъолияти соҳибкориро оғоз менамоянд, барои сарпур намудани харҷи вобаста ба иҷораи бино ва иншоот ба муддати се моҳ супурда шуд.

Дар ҷамъомад инчунин масъалаҳои инкишофи сайёҳии дохилӣ муҳокима гардиданд.

Ҳисобу китоб нишон дод, ки беш аз 200 ҳазор нафар дар ин соҳа метавонанд бо кор фаро гирифта шаванд. Ба вуҷуд овардани бисёр ҷойҳои корӣ дар соҳаҳои вобаста ба сайёҳӣ, мисли муассисаҳои ҳӯроки умумӣ, нақлиёт, савдои чакана интизорӣ меравад.

Таъкид шуд, ки дар ҳар минтақа барои ин имконоти зиёд мавҷуд, аз он ҷумла мисли ҷойҳои дидании сайёҳӣ. Барои мисол, дар ноҳияи Янгиқӯрғони вилояти Намангон бо роҳи барқарор намудани 16 санатория 1,5 ҳазор нафар бо кор метавонад таъмин гардад, қариб 8 ҳазор нафар метавонанд дар ноҳияи Бӯстонлиқи вилояти Тошканд бо роҳи ба вуҷуд овардани маконҳои сайёҳӣ барои 10 ҳазор ҷой бо истифода аз масолеҳи сабук соҳиби кор гарданд. Гузашта аз ин имконоти сайёҳӣ дар шаҳрҳои қадимаи мамлакат пурра истифода намегардад. Бисёр ҳамватанонамон ҳанӯз ин шаҳрҳоро надидаанд.

Ба Кумитаи давлатии рушди сайёҳӣ якҷоя бо вазоратҳо, идораҳо ва ҳокимиятҳо кушодани хатҳои нави сайёҳии дохилӣ, афзудани микдори маконҳои сайёҳии масолеҳи сабук, рушди сайёҳии тиббӣ ва солимгардонӣ супурда шуд. Ба ҳокимон ва роҳбарони секторҳо ҷиддан таъмини риоя намудани қоидаҳои карантин дар тамоми объектҳои боздидгардандаи сайёҳӣ, дар меҳмонхона ва тарабхонаҳо супурда шуд.

Муовинони Сарвазир, шахсони масъули соҳа ва ҳокимон аз рӯйи масъалаҳои дар ҷамъомади видеоселекторӣ муҳокимагардида маълумот доданд.

ЎзА.

ХАБАРҲО

Ҳаракати байниҳудудии автобусҳо

Бо қарори Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ ба кушодашавии қаҳвахонаҳо, бозорҳои матоъ, боғчаҳои бачагонаи хусусӣ, ҳаракати байниҳудудии автобусҳо, ба кишварҳое, ки вазъи эпидемиологиашон муътадил аст, аз нав ба роҳ гузоштани авиарейсҳо рухсат дода шуд.

Инчунин шаҳрвандони мо метавонанд барои таҳсил ё кор ба хориҷ бароянд.

Фаъолияти автовокзали «Тошканд» низ барқарор гашт. Корхонаи мазкур роҳандозии 10-то самти байналхалқӣ ва 19 байнивилоятиро ба амал меборад, вале дар шароити карантин ҳаракати автобусҳо танҳо ба ҳудудҳои «зард» ва «сабз»-и вилоятҳои ҷумҳурӣ амалӣ мегарданд. Фаъолияти нуқтаҳои ҳӯроки умумӣ, хидматрасонӣ, шохобчаҳои савдо дар ҳудуди автовокзал ва истгоҳҳои автобусӣ боздошта шуда, танҳо ба фаъолияти дӯконҳои озуқаворию дорухонаҳо рухсат дода шудааст халос.

Ҳиммати актрисаи соҳибкор

Ба як ҷавон чиҳил ҳунар кам, мегӯянд дар урфият. Бонувони хуштадбир ва ҳамкорараф айни замон «маликаи чиҳил шаҳри ҳунар» меноманд.

Актриса Хосият Ҳусанова лаҳзаҳои фориғ аз кор ба ноҳияи Янгийӯл рафта, дар 10 га замин, ки барояш ҷудо кардаанд, кишоварзӣ мекунад.

Порсол аз зироатҳо ҳосили дилхоҳ гирифт. Ду моҳ инҷониб ба парвариши ҷорвои калони шохдор низ машғул аст. 5 нафарро ба кор таъмин сохт. Фермерҳое, ки дар ноҳияи Янгийӯл фаъолият мебаранд, бештар аз 800 нафар мебошанд.

Х. Ҳусанова чун соҳибкор дасти саховат кушода, ба наздик 20 хонадони камтаъмин озуқаворӣ ва либос тақсим кард.

М. ШОДИЕВ, мухбири «Овози тоҷик».

Дар вилоят пешқадам

Деҳқонони ноҳияи Пахтачӣ аҳду паймон намуданд, ки имсол ба хирмани давлат 21 ҳазору 340 тонна ғалла супоранд.

Онҳо дар Самарқанд аввалин шуда ба дарави ғалла пардохтанд.

– Соли ҷорӣ обу ҳаво мусоид омад, – гуфт роҳбари хоҷагии фермерии «Қумлоқ ер саховати»-и ноҳия Икром Отамуродов. – Аз ҳамин сабаб аз ҳар гектар замин қариб 70 сентнерӣ ҳосил гирифтем. Ниятамон 160 тонна ҷаву ғандумро ба давлат фурӯхтан аст. Беш аз 100 тонна ғалларо, ки дар ихтиёри мо хоҳад монд, барои эҳтиёҷи худ сарф мекунем ва ба оилаҳои камбизоат медиҳем.

Инчунин, пас аз Пахтачӣ дар ноҳияҳои Нуробод, Иштихон, Пастдарғам низ комбайнҳо ба ғалладарави пардохтанд.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА, мухбири «Овози тоҷик» дар вилояти Самарқанд.

Дар шӯрои шаҳрвандони овули «Холимбег»-и ноҳияи Амударё беш аз 6 ҳазору 900 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Сокинони овул дар корҳои деҳқонӣ ва боғпарварӣ таҷрибаи хуб доранд.

Дар ҚТҲ наздиҳавлигии хонаводаҳои овул айни замон меваву сабзавоти гуногун пухта расидаанд. Дастандаркорони соҳа бо пешопеш ба бозор расондани ҳосил банд ҳастанд. Ҳамчунин, қисми зиёди аҳолии овул дар хоҷагиҳои фермерӣ бо парвариши ғӯза, корҳои тайёрӣ ба дараву ҷамъоварии ғалла, парвариши пилла машғуланд.

Дар сурат: *дар ҷамоати шаҳрвандони овули «Холимбег»-и ноҳияи Амударё.*

Суратгир: М. ҲАБИБУЛЛОЕВ (ЎзА).

ҲАМКОРӢ ДАР РОҲИ ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОР ИДОМА МЕЁБАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ўзбекистон ҳамчун узви комилҳуқуқи СММ, инчунин ҷонибҳо, ки ба рӯзнома дар соҳаи рушди устувор дар давраи то соли 2030 имзо кардааст, онро моҳи сентябри соли 2015 ҳамаи 193 кишварҳои узви СММ қабул карда буданд, оид ба саъй ба бехатарӣ ва ҷаҳони солим ўҳдадории глобалиро бар ўҳда мегирад, ки дар он барои тамоми одамон баробарӣ, рушд ва адолат ҳукм хоҳанд ронд.

Дар мулоқот масоили расидан ба ҳадафҳои миллии рушди устувор, ҷашни 75-солагии Созмони Милали Муттаҳид баррасӣ шуд.

Дар соли 2020-ум ба таъсис ёфтани СММ 75 сол пур мешавад. Ба муносибати санаи ҷашнӣ ҳукумати Ўзбекистон ин нақшаи амалро ҳамчун нишонаи садоқат ба муносибати фарогир қабул мекунад.

— Ҳодисаҳои имрӯзаи ҷаҳон, дарси аввалини пандемия, бӯҳрони ҷаҳонӣ ба хулоса кардан имкон медиҳад, ки инсоният ҳоло дар назди ин таҳдидҳо нотавон мебошад, — гуфт муовини аввали Раиси Сенати Олий Маҷлиси Ҷумҳурии Ўзбекистон Содиқ Сафоев. — Дар чунин замон ниёз ба муттаҳид кардани нерӯ ва имконот ниҳоят зиёд аст. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ муҳим аст, ки тамоми кишварҳо, халқҳо, ҷомеаҳои ҷаҳон якҷоя амал кунанд. СММ ягона институт аст, ки ин вазифаро иҷро мекунад. Имсол 75-солагии созмон қайд карда мешавад. Дар тӯли солҳои гузашта он ба муваффақиятҳои зиёде, ки инсоният ба даст овардааст, саҳми назаррас гузоштааст. Аз ин лиҳоз, рушди ҳамкорӣ бо Созмони Милали Муттаҳид ва ниҳодҳои махсусгардонидашудаи он ниҳоят муҳим аст. Нақшаи амалиёт («харитаи роҳ») барои ба сатҳи нав бароварданн ҳамкорӣ таҳия шудааст, ки 17 самтро дар бар мегирад. Нақша инчунин, ташаббусҳои сиёсати хориҷии роҳбари давлати мо, пешниҳодҳо оид ба таъмини амният ва устувории минтақаро дар бар мегирад.

Нақшаи амалиётҳо ба зиммаи ҳукумат оид ба мусоидат кардан ба рушди иқтидори ҳамаи одамон, бахусус мардуми ночор ва ниёзманд, амиқсозӣ ва таҳкими муносибати шарикӣ бо СММ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва глобалӣ бо мақсади барпо кардани дунёи пойдор, рушдёбанда, устувор ва мустаҳкам ўҳдадориҳо мегузорад.

Дар мулоқот Ҳелена Фрейзер изҳори боварӣ намуд, ки муносибатҳои Ўзбекистон ва СММ дар заминаи баробарӣ ва шарикии муфиди тарафайн инкишоф меёбанд. Вай қайд кард, ки ҳамеша барои ҳамкорӣ оид ба татбиқи иҷрои нақшаи амал омода аст.

Нурилло НАСРИЕВ, мухбири ЎзА.

ЭЪТИБОРИ ПРЕЗИДЕНТ ВА ҲУКУМАТ МОРО РӮҲБАЛАНД МЕСОЗАД

Ба депутатшавиам ҳанӯз вақти зиёд нагузаштааст. Инак, шаш моҳ мешавад, ки ба сифати депутати Шӯрои ноҳия дар ҷамъомадҳо ширкат мекунам, ҳарфи дигаронро мешунавам ва гоҳо фикру мулоҳизаҳоямро дар миён мегузорам.

Аммо як чӣ мусаллам аст, ки тӯли 28 сол бори аввал мебинам, ки ба Сӯх меҳмонҳои воломақом ташриф меоваранд. Фикр мекунам, ки ин ташрифҳо ба ичрои корҳои зиёд мусоидат хоҳанд кард ва дар самтҳои гуногуни ноҳияи Сӯх тағйироти зиёд ба вуқӯъ хоҳанд пайваст.

Баъди ҳодисаҳои 31 май Сарвазири мамлакат Абдулло Арипов бо як қатор вазирону роҳбарони идораҳои ҷумҳурӣ ба ноҳияи мо ташриф оварданд. Рӯзмарра бо мардум мулоқотҳои рӯ ба рӯ анҷом дода мешаванд, мушкилоту муаммоҳо мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Дар ҷамъомади хосе, ки таҳти раёсати А.Арипов баргузор гардид, дар радифи фаъолон, депутатҳои Шӯрои ноҳия ва намояндагони хоҷагиҳои фермерию соҳибкорӣ як гурӯҳ роҳбарони вазоратҳову идораҳо ширкат карданд.

Мардум аз чунин ҳусни таваҷҷӯҳ хеле хурсанданд. Зеро ин ҳусни таваҷҷӯҳи Президенти муҳтарам Шавкат Мирзиёев ба ноҳияи дурдасти мо мебошад. Ин маъниро Сарвазир низ зимни суханронӣ дар ҷамъомади васеъ чанд бор таъкид намуд. Гуфт, ки чанд муддат аз назари эътибор дур мондани ноҳияи Сӯх ҳақиқати ҳол аст ва онро наметавон бидуни эътироф гузошт.

Баъд аз депутатҳову фаъолони ноҳия ҳоҳиш кард, ки фикру ақидаҳояшонро баромада ошкоро бигӯянд. Дар бораи тафсилоти ин ҷамъомад ва масъалаҳои мавриди муҳокимаи он таваккуф намекунам. Танҳо қайд карданиам, ки аз мо тақозо гардид барои таъмини суботу барқарорӣ сару бар шавем ва мардумро ба сулҳу оромиш даъват намоем. Зеро ҳамаи масъалаҳои пешниҳодшударо мутахассисон омӯхтаву ҳаллу фасл мекунанд.

То ҳодисаи мазкур мешунидем, ки барои ба ноҳияи Сӯх ташриф овардани роҳбарони идораҳои давлатӣ зарурате пеш наомадааст. Аммо имрӯз ҷомеаи кишварамон хабар дорад, ки чаро мардуми мо садо баланд мекунанд ва дар ниҳояти кор он барои сар задани нооромӣ ва эътирозоти мардум сабаб шудааст. Аммо беҳуда намегӯянд: "Илоҷи воқеа пеш аз вуқӯъ бояд кард".

Чанд рӯз пеш саргарми коре будам, ки аз ҷониби дарвоза овозе шунида шуд. Касе "домулло, ҳастед?" гӯён маро сӯроғ мекард. Баромада бинам, паси дарвоза раиси ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи Хушёр Мирзоамин Ифтихонов.

– Ҳозир аз ҳокимияти ноҳия хабар доданд, ки ба деҳаамон раиси Палатаи савдову саноати ҷумҳурӣ Адҳам Икромов меояд ва бо мардуми мо мулоқот мегузаронад. Биёед, ҳамроҳ равему он касро истиқбол гирем, – ҳоҳиш кард ӯ.

Фавран бо раис ба идораи ҷамоат омадем. Дарҳақиқат, одамони зиёд ҷамъ омада буданд. Мо бо фаъолон маслиҳат кардем, ки кадом масъалаҳоро бояд дар миён гузошт.

Адҳам Икромов ҳамроҳи мо хеле самимона суҳбат кард. Гуфт, ки масъалаҳои умдаву ҳаллашон ногузирро ба вай муаррифӣ кунем.

– Солҳост, ки мардуми ҷамоатҳои Хушёр, Қақир ва Себзор аз оби ошомиданӣ мушкилӣ мекашанд. Агар барои аз зери замин кашидани оби нӯшокӣ ҳукумат мусоидат кунад, мардум хеле хурсанд хоҳанд шуд. Ҳамчунин ба чаҳр насоси обкашӣ ниёз дорем, ки барои обёрии кишти зироат ва боғ заруранд, – гуфт раиси ҷамоат ба Адҳам Икромов.

– Масъалаи якум марбути Вазорати хоҷагии коммуналӣ мебошад ва аз се нуқта кашидани обро ин идора ба зимма мегирад. Аммо насби насосҳои обкашӣ ба Вазорати хоҷагии об ва масъалаи таъмини нерӯи барқ ба идораи ҳудудии барқ мутааллиқ аст. Фикр мекунам, ки дар ҳалли ин масъала низ ягон мушкилот нахоҳад шуд, – иброз дошт Адҳам Икромов.

Вай афзуд, ки дар се ҷамоати шаҳрвандон ҳамагӣ як боғчаи бачагона фаъолият мекардааст, ки он дар ин шароит кофӣ нест. Вай тазаккур дод, ки ин масъаларо Вазорати муассисаҳои томактабӣ ҳаллу фасл мекунад, аммо ба таълиму тарбия фаро гирифтани кӯдакон ва таъмини онҳо бо се маҳал хӯроки гарм пардохти бадалҳоро тақозо мекунад, ки мардум аз ин тарафи кор бояд огоҳ бошанд. Агар боғчаҳои иловагӣ бо усули давлативу шарикӣ сохта шаванд, ба мақсад мувофиқ аст.

Баъд Адҳам Икромов шуъбаи бемориҳои сироятиро аз назар гузаронд. Маълум шуд, ки таъминоти он бо таҷҳизоти тиббӣ аз масъалаҳои ҳаллашон ногузир маҳсуб меёбад. Дар ҷараёни мулоқот ҳамчунин ўро огоҳ кардем, ки чанд маротиба сӯхтор ба амал омад, аммо то аз маркази ноҳия расидани мошинҳои сӯхторхомӯшкунӣ баъзе хонаҳо сӯхта ҳокистар шуданд. Барои ҳамин агар дар ин минтақаи ноҳия як бахши шӯъбаи сӯхторхомӯшкунӣ ташкил карда шавад, ба манфиати кор мебошад.

Адҳам Икромов ваъда дод, ки ин масъаларо низ бо мутасаддиён матраҳ мекунад ва барои ҳалли он мусоидат менамояд. Баъди боздид аз бинои дуошёна, ки соҳибкор Асқаралӣ Болтаев бо 177 миллион сӯм харидааст, машварат дод, ки кушодани сеҳҳои қолинбофӣ, атласу адрасбофӣ ва дӯзандагӣ ҳоҳиши теъдоди бекорон дар се ҷамоати шаҳрвандонро таъмин ҳоҳад кард.

– Агар ин биноро бо дастгоҳҳои зарурӣ таъмин кунем, занону духтарони зиёд ба кор таъмин мешаванд ва дар муддати як сол пули хариди ин бино ҷуброн мешавад. Он гоҳ ашёи хом – пилла бевосита дар ҳамин ҷо коркарду мавриди истифода қарор мегирад, – изҳор кард Адҳам Икромов.

Баъди ба Сӯх омадани раиси Палатаи савдову саноат боз якчанд вазирону роҳбарони идораҳо аз Тошканд меҳмони мо шуданд, бо мардум суҳбату мулоқот доир намуданд. Аз ҳисоби квотаҳои ҷудошуда ҷавонони ҷамоатҳои шаҳрвандони маҳаллаҳои мо низ ба донишгоҳҳо фаро гирифта ҳоҳанд шуд, зеро оянда дар дасти онҳост.

Қодирҷон АМИРБЕКОВ, депутати Шӯрои ноҳияи Сӯхи вилояти Фарғона.

Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ

ҶАВОНОН ВА ВОСИТАҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳар чизи фоиданок зарар ҳам доштааст. Мисол, дар рӯ ба рӯйи телевизор бисёр нишастан ва аз чароғи барқӣ зиёд баҳра бурдан чашмро ҳира месозад. Вале кас ба воситаи телевизор аз хабарҳои навтарини ҷаҳон огоҳ мегардад, аз консерт ё филми хубе баҳра мебардорад, дар зери нури чароғи барқӣ бисёр корҳо ба субут мерасанд: шоире шеър менависад, нависандае ба ҳикояш нуқта мегузорад, аз китоби хубе ғизои маънавӣ мегирад.

Доруҳои кимёвӣ зарарноканд, вале онҳо дарахтони мевадор ва полизҳоро аз ҳашароти зараррасон ҳимоя мекунанд. Як вақтҳо дар рӯзномаҳо оиди зарари доруҳои кимёвие, ки чанд даҳсола пеш ба мақсади хушконидани барги пахта ва рӯёндани ҳосили баланд пошида мешуданд, дар матбуот бисёр навиштанд. Аммо он доруҳо ҳашаротеро, ки ба хоҷагии қишлоқ зарари калон мерасонанд, нест мекарданд. Ҳоло дар бораи зарари компутер, телефони мобилӣ ва дигар воситаҳои электронӣ ба чашм ва мағзи сари одам, хусусан, ба хурдсолону наврасон бисёр менависанд. Мутахассисони соҳа ин гуфтаҳоро тасдиқ мекунанд. Вале, агар аз компутер ва торнамоҳои интернет бо меъёр истифода бурда шавад, фоидааш кам нест.

Солҳои ҳафтодуми асри гузашта, ки ба солҳои ҷавонии мо рост меояд, воситаҳои электронӣ он қадар ривоҷ наёфта буд. Бисёртар аз телевизор, радио ва рӯзномаву китобҳо истифода мебурдем. Қувваи барқ ба деҳаҳои дурдаст гоҳ мерафту гоҳ не. Шабҳо дар партави чароғи керосинӣ дарс тайёр мекардем, китоб мехондем, дӯхту дӯз мекардем. Аммо аз дарди чашму сар наменолидем. Ҳоло аксарияти ҷавонон дар чашм айнак доранд. Ба фикрам, ин аз меъёр зиёд истифода бурдани воситаҳои электронӣ мебошад. Телефонҳои мобилӣ ҳоло ба воситаи ахбор ва мулоқот табдил ёфтаанд, ба воситаи онҳо аз масофаҳои дур истода кореро анҷом медиҳанд, ё кормандро ба кор даъват мекунанд...

– Мо, агар хоҳем, ба воситаи интернет бо ҷаҳон пайваст мешавем. Торнамоҳои он пур аз китобҳои электронианд. Бояд наврасону ҷавонон ба китобҳои электронии адибони бузурги ҷаҳон ҷалб карда шаванд. Асарҳои адибони классик ва муосирро низ аз интернет пайдо кардан мумкин аст. Ҳатто духтарони ҷавон ба воситаи шабакаҳои интернет усули пухтупази хӯроку хуришҳои гуногун ва дӯхтудӯзро ҳам метавонанд ёд гиранд. Ногуфта намонад, давраи карантин нишон дод, ки омӯзгорон ва хонандагон ба таълими фосилавӣ эҳтиёҷ доранд, – мегӯяд омӯзгори тоифаи олии мактаби таълими ҳамагонии рақами 14-уми ноҳияи Фориши вилояти Ҷиззах Қандиёр Саидов. – Таассуф, ки на ҳамаи хонандагони мактабҳои деҳот тавассути компутер имкони бо интернет пайваст шудан-ро доранд. Гоҳо мо мебинем, ки роҳбари давлатамон бо роҳбарони вилоятҳо мулоқоти судманди масофавӣ барпо менамоянд. Ин аз имкониятҳои васеи воситаҳои электронӣ дарак медиҳад. Роҳбари давлат соли ҷориро Соли рушди илму маърифат ва иқтисодиёти рақамӣ номгузорӣ карданд. Давр тақозо дорад, ки ҷавонон бояд таҷрибаи корбарӣ бо воситаҳои электрониро дошта бошанд. Онҳо ба мақсади бой кардани дунёи маънавиашон бояд бошуурона ба шабакаҳои интернет даромада тавонанд.

Дуруст мегӯяд муаллим. Ҷавонони мо бояд ҳамқадами замон бошанд, дар истифода аз воситаҳои электронӣ зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд.

С. БЕКНАЗАРОВА,
хабарнигори «Овози тоҷик».

Дар нигористон

МӮЙНОҚ: ИМРӮЗ ВА ФАРДО

Оё ба ин наздикиҳо ба ноҳияи Мӯйноқи Қароқалпоқистон рафтед? Оё манзараи имрӯзаи ноҳияи Мӯйноқро, ки як вақтҳо оби баҳр нозбардориаш мекард, дидед?

Дар давоми ду-се соли гузашта маркази ноҳия ва ҳудуди соҳили Арал боз ҳам қиёфаи зеботар касб намуд. Ҳамин гуна тасаввурот пайдо мешавад, ки гӯё баҳр боз баргашта бошад, дар дилатон таниҳ ҳаёти гарм ҷӯш мезанад. Заврақҳое, ки дар соҳили беоб ҷой гирифтаанд, водор месозанд, ки дар бобати инсон ва табиат мушоҳидаи амиқ карда шавад.

Вақте асарҳои суратнамоишии "Мӯйноқ: имрӯз ва фардо"-ро, ки бо ҳамкории Вазорати маданият, Агентии ахбори миллии Ӯзбекистон, Ширкати миллии садову симои Ӯзбекистон, Академияи бадеӣ, Иттиҳодияи эҷодкорони бадеӣ дар Хонаи фотосуратҳои Тошканд таҳкил гардидааст, тамошо мекунед, аз зеҳнатон ҳамин гуна фикрҳо мегузаранд.

Ҳамаи мо хуб медонем, ки дар ноҳияи Мӯйноқ корҳои бузурги бунёдкорӣ амалӣ мешаванд. Дар натиҷа тарзи ҳаёти аҳолии ҳудуд ҳам куллан беҳтар мешавад. Имрӯзҳо мӯйноқиён дар рӯҳияи ҳамоҳангӣ бо чунин ислоҳот зиндагӣ мекунанд.

Дар асарҳои банамоишгузошташуда корҳое, ки бо мақсади нарм кардани оқибатҳои манфии офатҳои экологии дар натиҷаи хушкшавии баҳри Арал бавуҷудомада, таъмини барқарории экологӣ дар минтақа ичро мешаванд, инъикос гардидаанд.

Суратлавҳаҳо дар рангҳои сиёҳу сафеди Виктор Ан ҳаёти аслии ҳудудро дар пеши чашматон ба намоиш гузошта,ба огоҳӣ даъват намуда, ҳисси дилсӯзӣ ба табиатро бедор месозанд, барои ҳифзи он водор ҳоҳанд кард.

Дар суратҳои Ҳамдам Шорахмедов бошад, моҳияти манзара бо ёрии унсурҳои рамзӣ шарҳ дода мешавад. "Заврақҳои саҳроӣ"-и ҳолаташон хароб, замини шӯр ва чангу гардолуд, саксовулҳои саҳроӣ, ки имрӯз бо авҷ месабзанд, осмони нилӣ, нурҳои гарми офтоб... бо як нигоҳ ин унсурҳое, ки манзараи зиддиятнок ҳосил мекунанд, аз он дарак медиҳанд, ки ба ҳудуд боз ҳаёти ободу фаровон бармегардад.

Суратҳои А.Каннаев дар мавзӯи "Ба Арал саёҳат кардан мехоҳед?" низ таваҷҷуҳи тамошобинро ба ҳуд ҷалб мекунанд.

Қисми асосии асарҳои намоишгоҳро корҳои эҷодии гуногунжанри аксбардорони �Ўза ташкил медиҳад.

Аз ҷумла, суратҳои Мақсад Ҳабибуллоев дар мавзӯи "Аз дирӯзу имрӯзи Арал нақл мекунад", "Мӯйноқ қиёфаи замонавӣ касб мекунад" касро ба мушоҳида водор месозанд. Ҳамчунин, суратлавҳаҳои Оқил Ғуломов, Темур Мамадаминов таҳти унвонҳои "Симои имрӯзаи Мӯйноқ", "Мӯйноқи шабона", "Одамҳои Арал", ки аз вусъати корҳои бунёдкорӣ ва ободонсозии ҳудуд ҳикоя мекунанд, дар бораи ҳаёти воқеӣ тасаввуроти возеҳ ба вуҷуд меоранд.

Намоиш то 20 июн идома дорад.

Г. БОБОЕВА,
мухбири ӮзА.

Суратгир:
А.АБДУЛЛОЕВ (ӮзА).

АВТОБУСҲО ДАР КӮЧАҲОИ ПОЙТАХТ

1. Ҳаракати автобусҳо барқарор гашт. Аҳолӣ мамнун?

Мувофиқи қарори Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ «Дар бораи омодасозии барномаи чораҳо аз рӯи пешгирии ворид ва паҳншавии коронавирус дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон эътиборан аз 8 июни соли равон дар ҳудудҳое, ки ба тоифаҳои «зард» ва «сабз» дохил мешаванд, аз ҷумла дар шаҳри Тошканд ҳаракати автобусҳо аз нав барқарор гашт. Инак, баъди танаффуси қариб семоҳа сокинони пойтахт аз яке аз қулайтарин воситаҳои наклиёти ҷамоатӣ истифода бурда истодааанд. Дар ин муддат автобусҳо аз таъмири пурра бароварда шуданд, ҷои автобусҳои кӯҳнаро автобусҳои нав гирифтанд. Ҳолати дар роҳҳо бароногоҳ вайроншавӣ ва истодамонии автобусҳо, ки барҳам хӯрдааст, аҳолӣ мамнун.



2. «Тошшаҳартрансхизмат» дар рӯзҳои мо

Дар таркиби Ҷамъияти саҳҳомии «Тошшаҳартрансхизмат» ҷамъ 16 автокорхона мавҷуд, ки аз он 8 саройи автобусӣ, 8 мусофиркашҳои хусусӣ мебошад. Миқдори умумии хатҳои автобусӣ 152-торо ташкил менамояд. Аз инҳо 135 ба саройҳои автобусӣ, 17 маршрут ба корхонаҳои хусусӣ вобаста гардонида шудаанд. Миқдори умумии автобусҳои наклиётӣ дар пойтахт 1230-торо ташкил менамояд. Рӯзҳои аввали барқарории фаъолияти самтҳои автобусӣ қисми муайяни мусофиркашонҳо аз паи хидмат шуда буданд. Рӯзҳои баъдина автобусҳо пурратар ба фаъолият ҷалб шуданд. «Тошшаҳартрансхизмат» ба кор даровардани ҳамаи 1230 автобусҳои дар ихтиёри саройҳо ва корхонаҳои хусусӣ мавҷудро дар рӯзҳои наздик ба нақша даровардааст.

Инак, мувофиқи талабҳои қароре, ки аз баёни Комиссияи махсус баромада меояд, дар 131 маршрут ҷамъ 1067 автобус ба аҳли пойтахт хидмат мерасонанд.

3. Автобусҳо байни пойтахт ва ноҳияҳои назди пойтахт низ дар ҳаракатанд?

Не. Мувофиқи қарори Комиссияи махсуси ҷумҳуриявӣ бинобар он ки ноҳияҳои Қибрай, Тошканд ва Зангиатои вилояти Тошканд ҳудуди «сурх» эълон шудааанд, ҷамъ 21 самти автобусӣ муваққатан аз фаъолият боздошта шудаанд.

Бо мақсади таъмини пайдарпай ба манзил расондани мусофирон фаъолияти 3 маршрути автобусӣ танҳо дар шаҳри Тошканд, дар вазъи надаромадан ба ҳудуди вилояти Тошканд, ташкил карда шудааст.

4. Дар режими ҳаракатҳо тағйирот ҳаст? Карантин чиро тақозо мекунад?

Тағйирот ҳамин ки мувофиқи режиме, ки комиссияи махсус салоҳ шумурдааст, ҳаракати автобусҳо аз соати 6-и субҳ то 22 давом мекунаду халос. Карантин, албатта, риояи қатъӣ ба низоми ҷоришударо тақозо менамояд. Аз ҷониби роҳбарони ҳамаи саройҳои автобусӣ дар истгоҳҳои охирини тамоми самтҳо навбатдории дусменагӣ ташкил карда мешавад. Дар истгоҳҳои охирин ба таври доимӣ автобусҳо қабл аз ба ҳаракат даромадан ҳатман дизинфексия карда мешаванд. Ронандагон бо ниқоб ва дастпӯшакҳои тиббӣ таъмин мегарданд ва онҳоро ба таври мунтазам дар вақташ иваз менамоянд. Ба салони автобусҳо ҳамонҳое роҳ дода мешаванд, ки ниқоби тиббӣ доранд.

5. Миқдори роҳкиро тағйир ёфтааст?

Миқдори роҳкиро тағйир наёфтааст (як ҳазору ҷорсад сӯм). Бинобар пандемияи коронавирус ҶС «Тошшаҳартрансхизмат» ба мизоҷон боз як қулаиро дар пардохти роҳкиро ҷорӣ намуд. Бо мақсади коҳиш додани пардохти роҳкиро дар шакли пули нақд ва бо ин роҳ пешгирии роҳи васеъ паҳншавии инфексия тақсими ройгони картаҳои электронӣ ба роҳ андохта шуд.

Барои ин бояд ба шохобчаҳое, ки дар шаҳр ба савдои чиптаҳои моҳона машғуланд, мурочиат намуд. Ба ивази 10 ҳазор сӯм картаро дастрас кардан мумкин. Аммо шумо метавонед ин миқдорро ба картаатон бор карда (ворид сохта), чун роҳкиро ба кор баред. Оянда ба карта миқдори дилхоҳатонро бор ва аз он истифода бурданатон мумкин.

6. Мақбулгардонӣ дар ҷадвали ҳаракатҳо

Тавре аз маркази матбуоти ҶС «Тошшаҳартрансхизмат» ба мо маълум карданд, ҷуғрофияи пештараи ҳаракати автобусҳои шаҳрӣ алҳол тағйир наёфтааст. Вале азбаски ояндаи наздик самтҳои нав дар метро ба вуқӯъ омада ва ба ҳаракати метро низ рухсат дода мешавад, барои он ки ҳаракатҳои ду нақлиёт такрор наёбанд, дар қисмате аз 131 маршрути автобусӣ ихтисоршавӣ рӯй медиҳад. Бо ифодаи дигар, масъулони «Тошшаҳартрансхизмат» имрӯзҳо дар болои лоиҳаи мақбулгардонии ҳаракатҳо кор мебаранд.

М. ШОДИЕВ,
хабарнигори
«Овози тоҷик».

Ҳоло аҳолии шаҳри Самарқанд аз 600 ҳазор нафар афзуд. Ҳуд аз ҳуд маълум мегардад, ки эҳтиёҷи аҳолӣ ба хонаву ҷой низ зиёд мегардад.

ШАҲРАК ДАР ШАҲР

Салоҳият ва инфрасохтори шаҳр ба эҳтиёҷоти мавҷуда ҷавобгӯ нест. Аз ин рӯ, васеъ намудани шаҳр аз ҳисоби ноҳияҳои Пастдарғам, Нуробод, Самарқанд, сохтани маҳаллаҳои нав ва шаҳракҳо ба нақша гирифта шудааст.

Дар мавзеи Қарасуви шаҳр шаҳраке бунёд мегардад. Ҳоло дар ин маскан, биноҳои бисёрошёнаи замонавӣ, объектҳои соҳаи ичтимоӣ сохта мешаванд. Ҳудуди номбурда солҳои наздик ба шаҳраке табдил меёбад, ки дар он ба зистани 1 миллион нафар аҳолӣ шароит фароҳам мегардад.

Ҳокими вилоят Эркинҷон Турдимов ба мавзеи Қарасув ташриф оварда, бо як гурӯҳ соҳибкорон воҳӯрд. Ӯ ба муносибати васеъ шудани ҳудуди шаҳр ба соҳибкорон оид ба бунёди бино ва иншоотҳо маълумот дода, пешниҳодҳои ҳудро баён кард. Инчунин, бо хоҳиши соҳибкорон масъалаи ҷудо намудани қитъаҳои замин аз ноҳияҳои ҳамсояи мавзеъ низ баррасӣ гардид.

Таъкид шуд, ки дастгирии ҳамаҷонибаи аҳолӣ, фароҳам овардани шароитҳои мусоид ва бо хонаву ҷой таъмин кардани онҳо аз масъалаҳои муҳим ба шумор мераванд, ки дар сатҳи сиёсати давлат қарор доранд.

Инчунин, ҳокими вилоят бо лоиҳаҳои хонаҳои бисёрошёнае, ки дар асоси лоиҳаи нави шаҳрсозӣ барпо мегарданд, шинос шуд ва барои беҳтар намудани он маслиҳатҳои муфид дод.

Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

Қатори мошинҳои дорои маводи мухталифи мавриди ниёзи мардум аз шаҳри Фарғона ба сӯи деҳаҳои Шоҳимардон ва Ёрдони ноҳияи Фарғона ҳаракат карданд.

КУМАКИ ФАВРӢ — БА МАРДУМИ ДЕҲОТ

Ин аксия бо ташаббуси ҳокимияти вилоят сурат гирифтааст ва таҳти унвони "Шоҳимардонро ба гавҳари Ӯзбекистон мубаддал месозем" роҳандозӣ шудааст.

Тавре ки дафтари матбуоти ҳокимияти вилоят хабар дод, дар ин рӯзҳо мардуми ин деҳаҳо ба далели баста будани роҳ муваққатан аз имкони равуо ба маркази ноҳия ва вилоят маҳруманд. Аз ин лиҳоз, аҳолии ду деҳа ба орду равған ва маводи дигар зарурат доранд.

Маълум шуд, ки қатори мошинҳо барои кишоварзони ин деҳаҳо нуриҳои минералӣ низ интиқол додааанд. Ин маводи кимёвӣ бо нархи арзон ба мардуми ду деҳа ба ҳайси кумакҳои беғаразона дастрас карда шудааст.

Дар ин қатор ҳамчунин аз корхонаи шишабарории "Кварс"-и Қувасой ойинаҳои сохтмонӣ ва барои тайёр кардани мураббоҳо ва помидору бодирингҳои намакин бонкаҳои шишагин низ интиқол ёфтааст.

– Ҳокимияти ноҳияи мо низ интиқоли чунин кумакҳоро мунтазам ба роҳ мондааст, то ки ин аҳолӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ нашаванд, – мегӯяд мудири шӯъбаи маънавият ва маърифати ноҳияи Фарғона Фирӯза Амонова.

Ҳоло сокинони Шоҳимардон 3397 нафарро ташкил медиҳанд ва дар деҳаи Ёрдон 2900 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунад. Ин ду деҳа низ аз чаҳор тараф дар иҳотаи Қирғизистон аст.

Ин деҳаҳо табиати гуворову зебо доранд ва як қатор ёдгориҳои таърихии он ҳамеша таваҷҷуҳи сайёҳони дохиливу хориҷиро ба ҳуд кашидааанд. Аммо ба далели пандемияи коронавирус ва ҷорӣ шудани қоидаҳои карантин одамон наметавонанд дар ин фасли гармо ба ин деҳаҳо раванд ва аз табиат, обҳои сард ва зуллолу софи он баҳраманд шаванд.

Гуфта мешавад, вақт кам мондааст, ки посгоҳҳои марзии Қирғизистон дубора ба рӯи сокинони ин деҳаҳо, ҳамчунин, бошандагони ноҳияи Сӯх кушода ва равуои бемонеа аз тариқи қаламрави ин кишвари ҳамҷавор ба маҷрои қаблии ҳуд ворид хоҳад шуд.

М.АҲРОРОВ,
мухбири "Овози тоҷик".

Вилояти ФАРҒОНА.

АЗ БОНН БА БУХОРО

Бояд таъкид намуд, ки бародаршаҳрии байни Бонн (Олмон) ва Бухоро соли 2003 ба вуҷуд омадааст. Тайи солҳо шаҳри Бонн як қатор лоиҳаҳои ҳамкориро дар амал татбиқ намуда, бобати рушди ичтимоию иқтисодии шаҳри куҳан саҳми арзанда гузошт.

Моҳи майи соли ҷорӣ дар шароити пандемия бо мақсади дастгирӣ намудани оилаҳои камдаромади шаҳри Бухоро ҷамъияти бародарии шаҳри Бонн дар доираи иқдоми «100 оила» ба оилаҳои муҳтоҷ анвои хӯрокворӣ (11 намуд) инъом карда буд. Ба қарибӣ боз аз ҷониби ҷамъияти номбурда ва бо ташаббуси консулхонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар шаҳри Франкфурти Майн марҳалаи дуюми дастгирии моддӣ фаро расид. Мақсад аз ин эҳсон дастгирӣ намудани оилаҳое мебошад, ки бачагони ятиммондаи хонаҳои меҳрубониро бо роҳи ҳомигӣ ба нигоҳубини ҳуд гирифтаанд. Ҳамин тариқ боз 50 оила аз саховати навбатии дӯстони олмонӣ баҳраманд гардиданд.

А. АВЕЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Маҳмуд Асъади ҶӮШОН

Асрори омӯзиш

МУСТАҲКАМ КАРДАНИ ХОТИРА

Хотира ашёи заруриро барои фикрронӣ таъмин ва ҳифз мекунад. Мо вазифадор ҳастем, ки ин малакаро дар ҳар як ҷабҳаи ҳаёт ба таври бояду шояд корбаст намоем.

Санҷишҳои равоншиносӣ қобилияти тағйирнаёбанда будани қувваи хотираро нишон медиҳанд. Чунонки мушак ба воситаи машқ афзоиш меёбад, хотира низ бо гузашти вақт, ба воситаи малакаи ёдкунӣ ва дар ёд нигоҳдорӣ метавонад пурқувват шавад. Ба ин сабаб суҳан, латифа, шеър ва дигар чизҳои барои ҳудатон маъқулро дар дафтари хотирае, ки доимо ҳамроҳ доред, қайд карда, барои азёд кардани онҳо саъй намоед.

Роҳҳо ва қоидаҳои ба хотира ва зеҳн нигоҳ доштани дониш низ мавҷуд аст. Барои он қоидаҳои зеринро тавсия кардан мумкин аст:

Ҳар як мавзӯъе, ки ба хотира ҳифз кардани онҳо зарур аст, итминон ҳосил кунед, ки ба хубӣ дарк намудаед. Фаҳмидани моҳияти ягон кор, ба қадом тамоилҳо такя кардани онро хуб донисти гирифтан, бахотироваріро осон мекунад.

Мавзӯъро бо мақсади дар хотир нигоҳ доштан омӯзед. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки агар мақсади дар хотир нигоҳ доштани ягон ҳодиса мавҷуд набошад, хотира суст мегардад. «Профессори хасташуда чатрашро ҳангоми аз аудитория баромадан не, балки пештар, вақти ба аудитория даромадан, айни дар дигар фикр будан – ҳангоми гирди миз рост гузоштани он фаромӯш кардааст».

Кӯшиш кунед, ки чизҳои дар хотир нигоҳ доштани ҳатмиро ба як гурӯҳи маълум ҷудо карда, ба тартиб оваред.

Барои хотиррасон кардани мавзӯъҳои саҳифаи васеъ ва параграф, аз миёни онҳо калимаҳо ва ибораҳои калидиеро, ки мумкин аст воситаи кушодани мавзӯъ гарданд, пайдо кунед.

Ҳангоми омӯзиш ба қадри имкон аъзои ҳисси гуногун зиёд истифода баред. Масалан, ҳам бо роҳи дидан, ҳам бо овози баланд хондан, ҳам фикр кардан ва ҳам навиштан мавзӯи омӯхташаванда мутлақо дар хотира мемонад.

Типи хотираи худро муайян намуда, вақти омӯзиш бештар ба он такя кунед. Хотира гуногун мешавад: баъзеҳоро хотираи чашм, баъзеҳоро хотираи гӯшаш пурқувват мешавад.

Ҳангоми аз ёд кардан порчаҳои калонро ба шуъбаҳои хурди мантиқӣ ҷудо намуда, ҳифз кунед.

Дар кор кардан аз вақт самаранок истифода баред. Ба ҷои як соатро бо саросемагӣ сарф кардан, бодиққат ним соат кор карда, дар байн асабро каме истироҳат додан боз ҳам судманд ва самарабахш хоҳад буд.

Махсусан, ҳангоми омӯзиши истилоҳҳои техникӣ, санаҳо ва забони хориҷӣ аз карточкаҳои ҳифзкунӣ истифода баред. Ба як ҷониби карточка ба воситаи навиштани калима, сана ва формула боз ҳам барои осон ҳифз намудан имконият фароҳам овардан мумкин.

Тарҷумаи **Х.ҲАМИДОВ.**

Ҷавондухтарони мо

МУНОСИБИ НОМАМ МЕШАВАМ!

Дар деҳаи Эҷ дида ба дунё кушодаам. Кӯҳу дашти сабзу хуррам, чашмаҳои софу зулол ва сою ҷӯйборҳои пуроби деҳаамро дида фахр мекунам, ки чунин деҳаи зебоманзар зодгоҳи ман аст.

Номи зебою пурмаъноро пайвандонам ба хотири модаркалонам ба ман гузоштаанд. Модаркалонам дар аввали фасли баҳор, дар арафаи Наврӯз ба дунё омадааанд. Аз ин рӯ, наздиконашон ба умеди он ки сол бахосият ояд, сериву фаровонӣ шавад, ба он кас Хосият ном гузоштаанд. Мегӯянд, ки момои Хосият зани ҳалиму меҳрубон, ҳунарманду донишманд будааанд. Гилему сӯзаниҳои дӯхтаи модаркалонам ҳоло ҳам гӯшаи хонаамонро зеб медиҳад. Бахусус, дар навохтани доира ҳамто надоштааанд. Бо садои доира ва сурудҳои мардумӣ тӯю ҷашнҳои деҳаро дилкаштару ҷаззобтар мегардондааанд. Аз меҳмоннавозӣ, инсондӯстӣ, тарбияи фарзанд, покизакорӣ ва оиладории модаркалонам падари омӯзгорам бофаҳр ҳикоя мекунанд. Модаркалонам китобдӯст будааанд, ривояту афсонаҳои халқиро ба фарзандону набераҳояшон нақл мекардааанд.

Мегӯянд, ки модаре, ки се нафар духтарро ба воя расондааст, ҷаннатӣ мегардад. Момои ман ҳашт нафар духтарро тарбия намудааанд.

Дар назди ман вазифаи пурмасъул меистад. Бояд одоби хуб, илму дониши чуқурро дошта бошам. Соҳиби касбу ҳунари зебо гардам. Ба номи муборакі момоям муносиб бошам. Ба Ватани озоду ободам, ки ба ман ва ба ҳамаи ҳамсолонам чунин шароити мукаммали зиндагиро додааст, хидмат намоям.

Хосият РӮЗИЕВА,
хонандаи мактаби миёнаи рақами 43-юми ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ.

НАСИҲАТҲОИ БАҲОРМОМО

Ҳеҷ фикр кардаед – ободӣ, файз, қут ва баракаи хонадон аз кӯҷо маншаъ мегирад?

Ба ин суол ҷавобҳо ҳархела ва ҳар кас ба таври худ ҳаҚ буд. Вале ба ман ҷавобҳои Баҳормомо хеле маъқул омад, ки мегуфт:

– Файзу барака аз танӯр ва оташдон, аз дегу табақ сар мешавад, бачем. Дар сари оташдон сариштагӣ, файз набошад, зану шавҳар ҳарчанд ёбанда ва сердаромаданд, ба рӯзгор барака намедарояд. Аз қадим одате ҳаст: занҳое, ки ба хостгорӣ омадааанд, бо баҳонае ба сари оташдон ё ошхона меоянд ва назорат мекунанд. Бо ҳамин восита дар бораи рӯзгорбон, кадбону, чӣ тавр тарбия гирифтани фарзандон тасаввурот ҳосил менамоянд. Худи ман ҳам келинҳоямро ҳамин тавр интихоб кардаам. Дарвоқеъ, йигитҳоро ҳам беҳуда танӯр созонда ва ҳезум кафонда аз санҷиш нагузарондааанд.

Момо ба набераҳои худ ҳамеша насиҳат мекунад:

– Хокистари танӯру оташдонро набардошта, алав нагирон, ба оташдон чизҳои дучоршударо напарто, оташро об пошида хомӯш насоз, ҳезумҳоро ба ҷое, ки тоза аст, тахт ва раста кун, тиракро хобонда гузор, рафидаро овезон карда мон, сурфаро доимо дар ҷои покиза нигоҳ дор...

Фикр мекунам, таҳти ин суханон ҳикмат зиёд. Зеро, дар ҷое, ки тозагӣ ва озодагист, он ҷо барака мешавад. Файз мешавад. Маданият мешавад. Донишмандон беҳуда «хонаи сариштa – бафаришта» нагуфтаанд.

Маданияти зист, маънавияти аҳолӣ, баланд бардоштани дараҷаи маданияти тиббии аҳолӣ на аз ҷиҳози замонавии маишие, ки оварда ва истифода мешавад, на аз либосҳои урфи охирин, балки аз сари оташдони зан, аз танӯрхонаю ошхонаи хонадон сар мешавад.

Нуриддин ЭГАМ.

МУАЛЛИМАИ БЕДИПЛОМ БА ДАРАҶАИ ҚАҲРАМОНИ МИЛЛӢ РАСИД

Бо баъзе шахсиятҳои номӣ нафақат мамлакатҳо, балки қитъаҳо мефахранд. Масалан, зода ва парвардаи Чили Габриэла Мистрал ифтихори Амрикои Лотинӣ мебошад. Чун шоира ва арбоби намоёни давлатию ҷамъиятӣ ӯ дар дунё машҳур. Мо дар бораш чӣ медонем?

Номи аслиаш Лусила. Соли 1889 дар шаҳри Викуняи Чили дар оилаи муаллим ба дунё омадааст. Падараш баробари педагогӣ дар мактаби ибтидоӣ шеър машқ мекард, дар идҳои миллӣ сурудхонӣ менамуд. Мегӯянд, инсони хуб буд, оилапарвар. Вале ба вай чашми бад расид, даҳал ва бадмуомила гашт. Аснои қадрасии Лусила ӯ оиларо тарк намуд. Мутаассир гашт духтарак. Шароити оилавӣ вазнин. Ба модар бояд кӯмак намуд. Дар 16-солагӣ аввал ба муаллимон ёрдамчӣ, баъдан ба тарзи мустақил, ҳарчанд ҳанӯз диплом надошт, муаллимагӣ кард. Дар 17-солагӣ Ромео ном ҷавонеро, ки дар роҳи оҳан кор мекард, дӯст дошт. Ба вай шавҳар кард. Ҳаёти хушбахтонаи онҳо як сол давом карду халос. Дар бистсолагӣ ба зарбаи навбатии рӯзгор дучор гашт – Ромео худкушӣ намуд.

Лусила ҳанӯз аз 14-солагӣ ба шеъргӯӣ оғоз ва бо тахаллусҳои пинҳонӣ дар рӯзномаҳо падидаҳои қаламиашро чоп мекунонд. Фоҷиаи Ромео эҳсосоташ ба ҷунбиш оварда ва соли 1914 бо унвони «Сонетҳои марг» як силсила шеърҳои дардомез навишт. Дар озмуни адабии «Ҷашнвораи гулҳо», ки дар Сантяго баргузор гашт, офаридаҳояш ба ҷои якум сазовор дониста шуд.

Лусила мепиндошт дар мавзӯи муҳаббат эҷод кардан ба муаллимае, ки дар мактаб дарс медиҳад, дуруст нест. Вале нанавишта, ё аз баҳри кор баромада ҳам наметавонист. Тахаллусе бояд интихоб кунад, ки дар асл кӣ будани гӯяндаи он шеърҳоро касе нашиносад. Ниҳоят, Габриэла Мистралро ба сифати тахаллус қабул намуд.

Дар асл Габриэла номи як шоири итолёвӣ, Мистрал бошад фамилияи як нависандаи провансалӣ. Ҳамин тавр, Лусила аз ду эҷодкоре, ки дӯст медошт, аз яке ном, аз дувумӣ фамилия ба ҳуд қабул ва чун Габриэла Мистрал ба таври ҷиддӣ ба майдони адабиёт қадам гузошт.

Дар ин байн Габриэла боз ба як санҷиши муҳаббат дучор омад. Шоири ҷавоне ӯро дӯст дошт, хонадор шуданд, аммо он шоирро хонуми сарватманде аз роҳ заду Габриэла аз алам пойтахти Чиліро тарк намуд. Ба Темуко – гӯшаи дурдасти Чили, ки ҳиндуён зиндагӣ мекунанд, рафт. Чанд муддат чун директори литсейи духтарона фаъолият бурду боз ба пойтахт баргашт. Соли 1922 аввалин маҷмӯаи шеърҳояшро ба дасти чоп супурд. Китоб дар тамоми Амрикои ҷанубию шимолӣ шуҳрат пайдо кард. Адабиётшиноси машҳури амрикоӣ Алфред Ортис Вергас ба шоира чунин баҳо дод: «Мистрал – ҳодисаи давр, чунки дар ашъораш давр муҳр задааст».

Тавре қайд кардем, Габриэла диплом надошту муаллимагӣ мекард. Бо қонуни нав муаллимони бедиплом аз мактаб дур андохта шуданд. Вале чун муаллимаи варзида ва шоираи боистеъдод ном бароварда буд, Вазорати таълими Мексика ӯро ба кор таклиф намуд. Дар таҳияи лоиҳаи ислоҳоти мактаб ва китобхона ҳиссаи калон гузошт. Асное ба ватани худ баргашт, бо иззат қабул карданд. Ба ӯ, ки ҳатто диплом дар бораи маълумоти олӣ надошт, унвони академикӣ доданд. Ҳукумат ӯро ба таркиби худ гирифт. Мавзӯъ ва мундаричаи шеърҳои китобаш «Тала» доираи васеи китобхонҳоро ба ҳуд кашид. Ғояҳое, ки шоира тараннум месохт, бо фикр ва эҳсоси миллионҳо сокинони Амрикои Лотиниро, ки бори вазнини рӯзгор кашида ва ба маҳрумиятҳо дучор буданд, ҳамоҳангӣ доштанд. Гӯё онҳо муноҷот, тавба буданд ба даргоҳи Офаридгор. Хусусан, дар тасвири олами ботинии ҳиндуён, ки шиканҷаи рӯзгор онҳоро ба ҷое расонида буд, шоира маҳорати комил ба зуҳур овард.

Воқеаи муҳими адабии дар Чили баамаломадаро тамоми Амрикои Лотинӣ тантана кард – соли 1945 Габриэла Мистрал ба мукофоти Нобел сазовор дониста шуд. Ӯ аввалин зан дар қитъа буд, ки ба чунин шарафи баланд даст ёфтааст. Вай соли 1945 ба ин мукофот ноил гардид. Шоира акнун маъруфи ҷаҳон – гули сари сабад буд.

Ҳаёти вазнини одамон дар Амрикои Лотинӣ ҳаёти поэтикии шоираро беҳаловат месохт. Ин буд, ки китоби шеърҳои тозаи ӯ «Лагар» унвон гирифт ва соли 1954 ба дасти хонанда расид. Лагар мошинест ангурро фишурда, шарбати онро мебарорад. Ин ишорае буд ба муштӣрон, ки дили бечораро фишурда, маҷбурӣ кор мефармоянд.

Соли 1957 шоира вафот кард, шоирае, ки машҳуртарин намоянда дар маданияти миллии Чилист. Муаллимаи бедиплом, ки аз мактаб ронда шуд, ҳамин тавр, то дараҷаи қаҳрамони миллӣ расид.

Ш. МУҲАММАД.

Сарнавишт

“СОЛҲО БОЗ МОДАРАМРО ИНТИЗОРӢ МЕКАШАМ”

Бо Шаҳло дар озмуни “Дӯзандагони моҳир”-и пойтахт вохӯрда будам. Донистам, ки вай дар хонаи кӯдакон тарбия меёфтааст. Дар озмун аз номи хонаи кӯдакон иштирок мекард. Шаҳло либосҳои барои духтарчаҳо дӯхтаашро ба доварон намоиш додаву талош мекард, ки онҳо ҳарчи бештар ба маҳсули дастонаш ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд.

Вақте ки дақиқаҳои эълони натиҷаи озмун фаро расид, духтарон бесаброна мехостанд донанд, ки се ҷои аввал ба киҳо насиб мекарда бошад ва дар ин феҳраст ҳар кадом номи худро пайдо карда метавонанд ё на. Аз се ғолиб танҳо як нафар метавонист дар озмуни ҷумҳуриявӣ ширкат кунад. Доварони озмун аввал номи ду духтаронро эълон карданд, ки ҷойҳои дуюм ва сеюмро ишғол кардааанд.

Номи Шаҳло дар сархати ин озмун қарор гирифт ва ӯ байни онҳо ғолиби озмун гардид. Вай ба марҳилаи ниҳоии озмун роҳат гирифт. Акнун мебоист боз тӯли як моҳ ба ин озмун ҷиддан омодагӣ гирад ва беҳтарин намунаи либосҳояшро пешниҳод намояд.

Баъди ин озмун гоҳ-гоҳ Шаҳлоро медидам ва кӯшиш мекардам, ки ин духтар кай ва чаро ба хонаи кӯдакон афтодааст. Ба гуфтаи Шаҳло, симои модарашро хира-хира дар ёд дорад, аммо ба ҳарос афтодааст, ки бо гузашти айём ҳамин симо низ аз ёдаш зудуда мешавад. Ҳарчанд кайҳо умедашро кандааст, бо вуҷуди ин боз роҳи модарро интизорӣ мекашад. Баъзан ба хонаи бачагон ягон зан даромада ояд, дилаш сахт ба тапиш даромада, гумон мекунад, ки ин зан модари ӯст ва ба суроғи вай омадааст. Аммо...

– Вақте ки ба синни 16 расидам, соҳиби шиноснома гаштам. Ҳамеша кӯшиш ба харҷ медиҳам, ки ҳамон симои хира-хираи дар ёдам мондаи модарамро дубора равшан кунам. Бовар дорам, ки тасодуф рух медиҳаду дар ягон ҷои шаҳр модарамро дучор меоям, аммо бо мурури вақт мушкилтар мешавад, ки ҳамон симои дар кӯдакӣ дидаамро дар зеҳнам барқарор кунам, – мегӯяд Шаҳло маҳзунона.

Ӯ падарашро тамоман надидааст ва намедонист, ки вай киву аз кӯҷост ва аз духтараш хабар дорад ё на. Агар ҳоло мураббии куҳансоли хонаи бачагон, ки Тӯхтахола ном дошт, зинда мебуд, шояд ба воситаи ӯ модарашро пайдо мекард. Тӯхтахолаву шавҳараш солҳои зиёд боҳам зистаанд, вале соҳиби фарзанд нашудааанд. Барои ҳамин Тӯхтахола баъзан аз рафтан ба хонааш худдорӣ мекарду дар хонаи кӯдакон мемонд.

Шаҳло мегӯяд, ки муносибати Тӯхтахола бо ҳамаи сокинони хонаи кӯдакон хеле хуб буд. Вай ҳамеша кӯшиш мекард, ки дили ҳамаи онҳоро ба даст оварад.

– Боре ин кампири нармдилу нармгуфтор оҳиста дилашро ба ман кафонд ва аз ҳаёту зиндагиаш бароям нақлҳои ачиб кард. Вай рӯзе гуфт, ки модарамро дидааст, аммо аз ному насаб ва ҷои зисташ дарак надорад. Бино ба нақли Тӯхтахола чанд сол муқаддам аз кор ба хона бармегашт. Вақте ки ба дами дарвоза баромад, дид, ки зане духтарчаи хурдакакро назди дарвозаи хонаи кӯдакон гузошта, мехоҳад зуд аз он ҷо бадар равад. Якбора рӯймоли сараш афтода, рӯяш бараҳна мегардад. Тӯхтахола чеҳраи ин занро мебинад ва ҳарчанд “Як лаҳза истед, хоҳарам! Чаро кӯдакро ин ҷо гузошта меравед?” гуфтанҳои ӯ нигоҳ накарда, ҳудро гирифта гурехтааст,– ба ёд меорад Шаҳло.

Баъди гурехтани модар духтарча бо тамоми овоз гиряро сар додааст. Тӯхтахола духтарчаро ором карданӣ шуда:

– Номи ту чист? – гуфта оҳиста пурсидааст.

Духтарчаи ба ҳаросафтода аввал хомӯш ба чеҳраи ин кампир нигоҳ карда шиштааст ва баъди он ки Тӯхтахола вайро ба канор гирифтааст, гуфтааст, ки номаш “Саҳло” аст. Тӯхтахола даррав фаҳмидааст, ки номи духтарча Шаҳлост. Баъд вайро ба назди мудири хонаи кӯдакон овардааст ва аз ҳамон вақт ба ин сӯ он духтарча дар ҳамин ҷо ба таълиму тарбия фаро гирифта шудааст.

– Тӯхтахола бештар аз ин чизҳо дигар ягон маълумоти иловагӣ бароям надодааст, – мегӯяд Шаҳло.

Тӯхтахола боре барои харид ба бозори маркази шаҳр рафтааст. Вай дар ҳамин яке аз кӯчаҳои назди бозор занеро дучор омадааст, ки ба модари Шаҳло хеле шабоҳат дошт. Он зан низ ба мураббии хонаи кӯдакон синчакорона нигаристааст ва баъд чизе ба ёдаш расидагӣ барин ҳадаҳа аз он ҷо нопадид шудааст. Тӯхтахола ҳамеша умедвор будааст, ки ин зан барои бурдани духтарчааш ҳатман ба хонаи кӯдакон меояд.

– Ин барои Тӯхтахола ба армон табдил ёфт. Ҳамаи интизориҳои Тӯхтахола барабас рафтанд ва худи ӯ низ бо ин дунё падруд гуфт. Вай зани хеле сода, вале беозору нармдил буд, – боз ба ёд меорад Шаҳло ва ашкони чашмонашро оҳиста ба нӯги рӯймолчаи дасташ пок карда.

Тӯхтахола дар байни кӯдакон Шаҳлоро хеле дӯст медошт. Ӯ талош мекард, ки вақти Шаҳло хуш гузарад ва бо вай худро андармон мекард. Аммо ҳамеша дар пайи он буд, ки ягон оилаи рӯзгораш босуботу ором ин духтараки ситорагарм ва дар ҳама кор чаққону ҳамакораро ба фарзандӣ бипазирад.

– Вале аксари зану шавҳарҳои фарзанталаб ба писарбачаҳо ҳусни таваҷҷӯҳи бештар зоҳир мекардааанд. Дили мураббии солхӯрдаи моро ин ҳол ба танг меовардааст, – мегӯяд Шаҳло боз чашмонаш ликқи об шуда.

Маълум мешуд, ки Шаҳло низ ин мураббиро хеле дӯст медошту ҳурмат мекард. Ба гуфтаи Шаҳло марги Тӯхтахолаи солхӯрдаро чанд муддат ҳазм карда натавониста, азоб кашидааст.

Боре Шаҳло нақл кард, ки баъди ба охир расидани дарсу машғулиятҳо китобу дафтарҳояшро бурда болои мизи утоқаш гузошт. Ҳамроҳи дугонаи наздикаш– Ёсуман аз сармураббии гурӯҳашон ичоза хоста шаҳрро давр мезананд.

Дугонаҳо кӯчаву хиёбонҳои шаҳрро давр задааанд. Баъд ба қаҳвахонае даромада, қаҳва нӯшидааанд. Ин дам пешхизматзан рӯи мизҳои атрофро тамиз мекардааст. Ҳарду бидуни он ки ба вай эътибор диҳанд, қаҳванӯшон суҳбати ҳудро идома додааанд. Аммо баъди чашмҳо боҳам барҳӯрдан зан ба канор рафта, ба Шаҳло бодиққат разм андохтааст. Баъд ҳолаташ фавран тағйир ёфта, ба назди онҳо омада:

– Духтарам, номи ту чист? – пурсидааст аз Шаҳло.

– Ман Шаҳло ҳастам. Ин – Ёсуман, дугонаам. Чӣ, ҳолаҷон?

– Ҳеҷ. Ҳамту. Ба касе монанд кардам. Бубахшед маро, – гуфтаасту аз пеши онҳо дур шудааст.

– Мо ҳамон рӯз дигар ин занро дар қаҳвахона надидем. Фикр кардем, ки шояд навбати кораш тамом шуда бошад. Сонӣ ба хона баргаштем,– бо хаёли парешон гуфт Шаҳло.

Ман ҳам ором нашишта:

– Шаҳло, ту мехоҳӣ донӣ, ки он зан кист?

– Чӣ лозим барои ман ин кор? – ҳайрон шуда пурсид Шаҳло.

– Раваду ҳамон зан модари ту бошад, чӣ кор мекунӣ? – истинтокро давом додам ман.

– Ин имкон надорад. Маълум нест, ки модари ман зиндааст ё... Агар зинда мебуд, шояд як бор ба суроғам меомад. Ё дар ягон шаҳр машғули кору зиндагиаш аст. Беҳтараш, ҳаловаташро вайрон намекунам,– гуфт Шаҳло.

Аммо ҳувайдо буд, ки ин ҳарфҳояш чандон қатъӣ нестанд ва дар як гӯшаи қалбаш барои модари солҳо надидааш ҳанӯз ҷойгоҳе бокӣ мондааст...

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири «Овози тоҷик».

Зан конуни пурнури хонавода, маркази меҳр, намояндаи ишқ, намоёнгари покӣ, намунаи муҳаббат ва дӯстӣ ва чашмаи бахшоиш аст.

Иқболи Лоҳурӣ

Бе офтоб гулҳо намешукуфанд, бе муҳаббат хушбахтӣ нест, бе зан ишқ нест, бе модар шоир нест, қаҳрамон ҳам нест. Тамоми ифтихори дунё аз модарон аст.

А. М. Горкий

Дар мамлакатамон барои дастгирӣ кардани бонувон дар соҳаи илму фан, фароҳам овардани шароит ба корҳои илмиву таҳқиқотии онҳо, тарғиби васеъи дастовард ва ба ҳаёт татбиқ намудани коркардҳои инноватсионии занону духтарон чорабиниҳои зарурӣ ва амал татбиқ мешаванд.

Инро дар мисоли бонувоне, ки дар Донишгоҳи давлатии Қаршӣ дар мавзӯъҳои долузарби самтҳои табииву гуманитарӣ корҳои илмиву тадқиқотӣ мебаранд, низ дидан мумкин.

– Кори таҳқиқотии мазкур дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, дар ташкили рекламаи маҳсулоти истеҳсоли маҳаллӣ ва содироти он ба хориҷ нақши муҳим дорад, – гуфт докторанти такягоҳи кафедраи забон ва адабиёти англисии донишгоҳи мазкур Умеда Маҳмудова. – Дар ҷумҳурӣ тадқиқотҳо оиди соҳаи реклама фақат аз тарафи иқтисодчиён ва равоншиносон омӯхта шуда, аз лиҳози забоншиносӣ омӯхта нашуда буд. Аз ин сабаб, кори тадқиқотиам, ки «Хусусиятҳои услубӣ ва лингвомадании ибораҳои реклама» ном дорад, ба таъсири реклама ба ҷамъият, дастовард ва камбудиҳои ба амал дуруст татбиқ намудани ибора ва матнҳои реклама, бо воситаи забоншиносӣ омӯхтани ҷиҳатҳои мадании реклама нигаронида шудааст.

***Дар сурат:** докторанти такягоҳи кафедраи забон ва адабиёти англисӣ **Умеда Маҳмудова**.*

Суратгир: Ҷ. НОРҚОБИЛОВ (ЎзА).

Модар ва тифл

Дар истгоҳ нишастаам. Ҷавонзане, ки паҳлӯям аст, бо писарчаи се-сеюнимсолааш андармон.

Писарча: – Гарм шудам, каллапӯшамро гиред, – гуфт ба модараш.

Як-ду мӯйи ӯ ба каллапӯш часпида будааст ва ҳамин ки модар хоҳишаш ба ҷо овард, фиғон бардошт:

– Мӯямро кандед!

Модар саросема ва хиҷолатзада:

– Вай, ман мурам!..

Писарча қаҳромез амр намуд:

– Хам шавед.

– А?

– Хам шавед! – дасти худ боло кард писарча. Модар бо итоат гардан хам кард. Тифл ба зулфи ӯ чанг зад. Чанд тор мӯйи модарро канда гирифту нохуне нозуктарин ҷойҳои дилам сахт харошид.

Худро таскин медиҳам: «Кӯдак-дия, беақл аст. Ҳоло ақлаш надаромадааст».

Модар дарде ҳис кард ё не, номаълум.

Вай сари «боақлак»-и дар вақташ ниқорситондаро бо меҳр сила мекунад:

– Надонистаам. Мӯят часпида будааст. Дардаш монд?

Ш. ГУЛРУҲСОР.



Инак, 14 сол аст, ки Дилфуза Турсуноваи карманагӣ дар маркази сӯхтору техникии идораи вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Навоӣ вазифаи мумайиз (эксперт)-ро бар ӯҳда дорад. Ҷасорати ин зан дар баробари як марди ҳамкор аст. Таваҷҷӯҳи зани оташнишон ба ин касб баъди хатми омӯзишгоҳи ҳуқуқшиносии Бухоро оғоз ёфт. Ба мақсад расид. Аҷибаш, ҳамсари ӯ низ диспетчери идораи мазкур аст.

Дар акс:** мутахассис-эксперти маркази сӯхтору техникии идораи вазъиятҳои фавқулоддаи вилояти Навоӣ **Дилфуза Турсунова.

Аксбардор: С.АСЛОНОВ (ЎзА).

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.

Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 миср̣аъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.

Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-635. Адади нашр 975, ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.

ISSN 2010-7757

1 2 3 4 6

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор:
А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 22.30

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.